**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*ТДУ:* 338.4(575.3)
ББК: 65.9(2)45(2т)
Қ-17

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҚАЛАНДАРЗОДА НАСИБУЛЛОИ МАҲМАДСАИД**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРФАКОРОНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

**(ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)**

Ихтисос: 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Душанбе – 2023

Диссертатсия дар кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович**- доктори илмҳои география профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ |
| | **Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, и/в дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** |

Ҳимояи кори диссертатсионӣ рӯзи 16 сентябри соли 2023, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj ) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат ____________ соли 2023 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., дотсент



Шамсов И.С.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Захираҳои об яке аз омилҳои асосии стратегии рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он маҳсуб меёбанд. Самтҳо, сатҳи рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, пеш аз ҳама, истеҳсолоти ба об алоқаманд, аз вазъ ва дараҷаи таъмини захираҳои об вобастаанд. Фаъолияти ҷорӣ истеҳсолию хоҷагии муассисаҳо аз ҳар ҷиҳат бо истифодабарии захираҳои об алоқамандӣ дорад. Муттаассифона, истифодабарии захираҳои обӣ имрӯзҳо дар аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат, ҳамчунин дар соҳаи хоҷагии манзилию маишӣ ба талаботҳои истифодабарии сарфакоронаи табиат мувофиқ нест. Ҳолати мазкур ба истифодабарии нодурусти захираҳои об, ифлосшавии объектҳои он, харобшавии иншоотҳо, пастшавии вазъи бехатарии зиндагии аҳолӣ аз таъсири омили об, афзоиши хароҷоти ҷомеа барои барқароркунӣ ва ҳифзи объектҳои об оварда мерасонад.

Вобаста ба ин, масъалаи баландбардории самаранокӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои об бо роҳи ташаккули механизми дахлдори иқтисодии идораи обистифодабарӣ хеле муҳим ба шумор меравад. Зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки асосҳои назариявӣ ва усулии ҳалли мушкилот, аз он ҷумла ислоҳоти идоракунии давлатии обистифодабарӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, ташкили баҳодиҳии самараноки арзиши нерӯҳои обию захиравии минтақаҳо, такмили муносибатҳои иқтисодӣ дар раванди истифодабарии захираҳои об ба таври нокифоя таҳия гардидаанд.

Истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об аз низоми чорабиниҳо, ки ба ташкили имкониятҳои воқеӣ ва эҳёи ҳавасмандии истифодабарандагони об оид ба сарфакорӣ ва самаранокии истифодабарии захираҳои об равона шуданд, иборат аст. Ҳалли мушкилоти мазкур имконият медиҳад, ки манфиатҳои соҳибмулки объекти об (давлат) ва истифодабарандагони об бо назардошти дараҷаи устувории экосистемаҳои табиии об мувофиқ карда шаванд. Ҳаллу фасли масоил ва мушкилоти зикргардида зарурияти такмили механизми иқтисодии идоракунии обистифодабариро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд ва ба ҳадафу вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дарояндаи наздик мутобиқат намуда, муҳиммияти мавзуи номбурдаро арзёбӣ менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Захираҳои об, хусусиятҳои он ва сохтори вазифавӣ, имконияти истифодаи сарфакоронаи он, ки тибқи нерӯҳои обию захиравии ҳудудҳо муайян карда мешавад, аз тарафи муҳаққиқон Авакян А.Б., Балатский О.Ф., Беличенко Ю.П, Гареев А.М., Коронкевич Н.И, Коритный Л.М., Критский С.Н., Львович М.И., Менкел Н.Ф., Мороков В.В., Шикломанов И.А. ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Масъалаҳои ташаккули механизми иқтисодӣ дар истифодабарии об дар корҳои илмии муҳаққиқон Алиев Э.Д., Беляев С.Д., Бобылев С.Н., Вивартс А.Д., Ғаниев Т.Б., Голуб А., Григорев Е.Г., Думова И. И., Комаров П.Л., Лемешев М.Я., Пахомов П., Прохорова Н.Б., Рихтер К.К., Струково Е.Б., Черняев А.М., Шпагина А.Н., Яндиганов Я. Я. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Корҳои илмии чанде аз муҳаққиқон - Авакян А.Б., Баранкин В.В., Герасименко В.Н., Голуб А.А., Гофман К.Г., Минтс А.А., Хачатуров Т.С. ва дигарон ба масъалаҳои арзёбии захираҳои оби ҳудудҳо бахшида шудаанд.

Дар илми ватанӣ ҷанбаъҳои гуногуни идоракунӣ ва истифодаи захираҳои оби ҳудудҳо аз тарафи А.Д. Аҳророва, Т.Б. Ғаниев, Ҳ.А. Одинаев, Ҳ.Р. Исайнов, Х.М. Муҳаббатов, Т.Ҷ. Усмонова, Ф.С. Обидов, М.И. Садриддинов, Ф.А. Абдураҳмонов, У. Кимсанов, Б. Н. Маҳмудов, Н.А. Урунбаева, А.С. Муҳсинов ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Ҳамчунин, нуктаҳои алоҳидаи мавзуи идоракунии захираҳои табиӣ, аз ҷумла идоракунии захираҳои обу замин ва инноватсияҳои дар ин самт ҷойдошта дар асарҳои илмии С.Ҷ. Комилов, Қ. Х. Хушвахтзода, Н. Қ. Қаюмов, Т. Н. Назаров, Ҳ. Умаров, Д.Б Қодирзода, Т.Д. Низомова, Н.Д. Шерова ва дигарон мавриди баррасию арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Аммо тағйироти дар иқтисоди мамлакат ва вазъи экологии кишвар баамаломада зарурати таҳқиқи иловагию амиқи мушкилоти истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обии минтақа, ҳифз ва барқароркунии онро дар асоси ташаккули муносибатҳои самараноки иқтисодӣ зимни истифодабарии об талаб мекунад. Дар назарияи иқтисод мушкилоти баҳодиҳии арзиши нерӯҳои захиравӣ нокифоя омӯхта шуда, танҳо фишангҳои алоҳидаи иқтисодии танзими истифодабарии оби минтақа ба эътибор гирифта шудаанд. Дар ин маврид пардохтҳои истифодабарии об бо арзёбии самараноки иқтисодии захираҳои об алоқаманд карда нашудаанд. Низоми мавҷудаи пардохтҳо бояд ҳавасмандии зарурии истифодабарии сарфакоронаи об, коҳиши хароҷот дар хоҷагии об, истифодабарии самараноки нерӯҳои обию захиравиро таъмин намояд. Ҳамчунин, низоми мавҷудаи идоракунии истифодабарии захираҳои об ба принсипҳои ҳавзавию ҳудудӣ ва истифодабарии сарфакоронаи об мувофиқат намекунад ва иҷрои муносибатҳои бозориро дар хоҷагии об мушкил гардонидааст. Мушкилоти мазкур ва зарурати ҳалли онҳо муҳиммияти интихоб ва таҳқиқи мавзуи номбурдаро тасдиқ мекунанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқот ба пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ оид ба эълон доштани солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити атроф", "Консепсияи истифодабарии сарфакорона ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Стратегияи рушди бахши об дар Тоҷикистон" ва дигар барномаҳои соҳавию байнисоҳавӣ оид ба истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии мустақим дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз омӯзиш ва тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди механизми идоракунии захираҳои об ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар асоси такмили механизми иқтисодии идоракунии обистифодабарӣ иборат мебошад. Вобаста ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ **вазифаҳои зерин муайян** ва ҳал карда шуданд:

- тақвияти муқаррарот оид ба мафҳуму моҳияти захираҳои об, таҳқиқи нақш ва вазифаҳои об дар раванди рушди иқтисодиёт ва фаъолияти ҳаётии инсонҳо, муайянкунии унсурҳои асосӣ, ки ба мафҳуми нерӯи обӣ ва ҷанбаъҳои истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ алоқаманд мебошанд;
- таҳқиқи хусусиятҳо, принсипҳо, омилҳо ва фишангҳои мавҷудаи танзими давлатии раванди истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об бо назардошти таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди низоми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи онҳо;
- арзёбии ҳолат ва тамоюлҳои асосии истифодабарии захираҳои обӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ;
- таҳлили усулҳои баҳодиҳии иқтисодии арзиши захираҳои об бо назардошти барқароркунӣ ва ҳифзи нерӯи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва манотиқи он;

- муайянкунии самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва сохтори ҷузъҳои асосии механизми пардохтҳо, усулҳои ҳисобкунии базавии меъёрҳои пардохтҳо барои истифодабарии захираҳои об;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ.

**Объекти таҳқиқот** захираҳои об ва идоракунии истифодабарии сарфакоронаи онҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мебошад.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз муносибатҳои иқтисодие, ки дар раванди истифодабарии захираҳои об ва идоракунии онҳо дар асоси механизми иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, иборат аст.

**Фарзияи таҳқиқот** аз пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ оид ба эълон доштани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити атроф", "Консепсияи истифодабарии сарфакорона ва ҳифзи захираҳои обӣ дар Тоҷикистон", "Стратегияи рушди бахши об дар Тоҷикистон" ва дигар барномаҳои соҳавию байнисоҳавӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки мақсади ниҳоии ҳама ҳуҷҷатҳои номбурда истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обии ҷумҳурӣ дар ҳама сатҳу доираҳои обистифодабарӣ мебошад. Аз ин хотир, дар рисолаи илмӣ барои дар амал татбиқ гардидани ҳамин фарзия ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ - омӯзиш ва тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди механизми идоракунии захираҳои обӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодаи сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар асоси такмили механизми иқтисодии идоракунии обистифодабарӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, фарзияи номбурда ва тамоюлҳои рушди он бо мисолҳои мушаххас аз фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ, хоҷагии коммуналию маишӣ ва соҳаи саноати ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2017-2021 исбот шуда, натиҷагирию хулосабарорӣ гардидааст. Аз ин рӯ, амалӣ гардидани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро собит сохта, ҳамзамон барои марҳила ба марҳила баҳогузорӣ намудани чораёни амалишавии идоракунии истифодаи сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд.

**Асосҳои назариявию усулии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классикии илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши таҳқиқоти макроиқтисодӣ, ҳамчунин, таҳқиқотҳо дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисод ва идораи хоҷагии халқ, иқтисодиёт ва истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист ташкил медиҳанд. Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо **усулҳои таҳқиқотии** мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, анализу синтез ва иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Марҳилаи таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2014-2022-ро фаро мегирад.

**Сарчашмаи маълумотии** таҳқиқотро санадҳои қонунгузории иттилоотию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои дастурамалию усулӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об ва хоҷагии об, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин матолиби назариявӣ ва воқеие, ки дар таҳқиқотҳои мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёти истифодабарии захираҳои об мавҷуданд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2022 иҷро шудааст.

**Навгонии кори диссертатсионӣ** аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди механизми иқтисодии идоракунии захираҳои об ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили самтҳои асосии таъмини истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- муқаррарот оид ба мафҳуму моҳияти захираҳои об тақвият дода шуда, нақши захираҳои об дар таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ва манотиқи он ҳамчун омили таъсирбахшу таъминкунандаи фаъолияти устувори субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳаҳо ва иқтисодиёт асоснок гардида, унсурҳои асосии марбут ба мафҳумҳои нерӯи обӣ ва истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обӣ муайян карда шудаанд;

- механизми истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ, техникию технологӣ ва тарбиявӣ ба мақсади таъмини нигоҳдорӣ ва барқароркунии нерӯи обию захиравии ҷумҳурӣ тавсиф дода шуда, хусусиятҳо, принсипҳо, омилҳо ва фишангҳои асосии танзими истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об бо назардошти ҷамъбасти таҷрибаи хориҷии идоракунии истифодабарии оқилонаи онҳо аниқ карда шудаанд;

- дар натиҷаи таҳлили ҳолат ва сатҳи истифодабарии захираҳои об дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ тамоюлҳои пурзӯршавии тақсимоти нобаробари ҳудудӣ ва солонаи захираҳои об, коҳиши сифати об дар объектҳои об, болоравии вазни қиёсии обистифодабарӣ дар кишоварзӣ, саноат ва эҳтиёҷоти маишӣ, инчунин афзоиши ҳаҷми зиёни экологӣ-иқтисодӣ аз ифлосшавиии объектҳои об ошкор ва арзёбӣ карда шудаанд;

- вазъи истифодабарии микдорӣ ва сифатии захираҳои об дар бахши воқеии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ дар асоси таҳлили усулҳои баҳодиҳии иқтисодии арзиши захираҳои об дар доираи раванди барқароркунӣ ва ҳифзи нерӯи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва манотиқи он арзёбӣ карда шудааст;

- самтҳои зерини асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд:

› такмили механизми идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обӣ дар пояи афзалият ва татбиқи бештар васеи унсурҳои иқтисодии таъсиррасонӣ ба обистифодабарандагон ;

› гузариш аз усулҳои мустақими идоракунии захираҳои об ба идоракунии сатҳи минтақавӣ дар пояи ғайримарказонидани идоракунии давлатии онҳо ва эътирофи ҳавзаҳои обҷамъкунӣ ҳамчун ҳудуди идоракунии давлатии захираҳои оби минтақа;

› такмили сохтору ҷузъҳои таркибии механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об тавассути муайянкунии (ё пешниҳоди) усули заминавии ҳисобкунии меъёрҳои пардохтҳо барои таъмини истифодабарии самараноки захираҳои об;

- оид ба самтҳои асосии такмили механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо назардошти сифати об дар асоси ғояи хароҷотӣ ва рентавии баҳодиҳии арзиши захираҳои об ҳангоми ташаккулёбии бозори танзимшавандаи об бо мақсади беҳдошти ҳолат ва сатҳи истифодаи сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ пешниҳодҳо таҳия карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- муқаррарот оид ба таҳқиқи нақш ва вазифаҳои захираҳои об дар раванди такрористеҳсоли иқтисодиёти ҷумҳурӣ, моҳияти мафҳуми нерӯи обӣ ва ҷанбаъҳои истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

- муайянкунии низоми фишангҳои танзими раванди истифодаи сарфакоронаи захираҳои об бо назардошти таҷрибаи хориҷии ташаккулёбӣ ва рушди механизми иқтисодии идоракунии истифодаи захираҳои об;

- тамоюлҳои баҳодиҳии иқтисодии захираҳои об, объект ва иншооти об дар доираи консепсияи барқароркунӣ, ҳифзи нерӯи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

- хусусиятҳои арзёбии ҳолати истифодабарии захираҳои об ва раванди обистифодабарӣ дар соҳаҳои бахши воқеии иқтисоди миллӣ;

- самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

- пешниҳодот оид ба такмили механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методӣ, ки зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, дар раванди таҳқиқот, банақшагирӣ ва муайян намудани дурнамои беҳдошти ҳолати истифодабарии захираҳои оби ҳудудҳо бо назардошти махсусиятҳои минтақавии онҳо истифода бурда хоҳанд шуд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шуданд, имконият медиҳанд, ки беҳдошти самаранокии истифодабарии захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, барқароркунӣ ва ҳифзи онҳо таъмин карда шаванд. Татбиқи пешниҳодҳо оид ба такмили фишангҳои иқтисодии идоракунии истифодабарии об ба баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагии об дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он нигаронида шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ имконият медиҳанд, ки барномаҳои илмию асосноки истифодабарии сарфакорона, ҳифз ва барқароркунии захираҳои оби ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо мақсади таъмини рушди устувори экологӣ-иқтисодии онҳо таҳия карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шуда, имконият додаст, ки таҳлили амиқи раванди истифодабарии захираҳои об ва идоракунии онҳо дар доираи механизмҳои иқтисодӣ гузаронида шавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси **08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)** мутобиқат мекунанд: 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; Низоми масъулият дар бахши идоракунии оммавӣ; 10.8.Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.12. Баҳодиҳии идоракунии ташкилот ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Маҳаки баҳодиҳии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии натиҷабахшии идоракунӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва

баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои кор оид ба истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ба сифати матолиби таълимӣ ҳангоми омодасозии донишҷӯёни тахассусҳои иқтисодӣ, дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои "Иқтисодиёти истифодабарии сарватҳои табиӣ", "Иқтисодиёти кишоварзӣ", "Рушди босуботи иқтисодиёт" дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаи асосии таҳқиқот ва хулосаҳои амалии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикстон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар солҳои 2014-2022 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат ва мавриди нашр қабул гардиданд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 16 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 187 саҳифаи матни компютерӣ оварда шуда, фарогири 6 ҷадвал, 9 расм ва 1 диаграмма мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзиш ва баҳогузории масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои илмию услубии ташаккули механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии захираҳои об»** захираҳои об - қисмати таркибии нерӯи рушди устувори иқтисоди миллӣ омӯхта шуда, моҳият, сохтор ва нақши механизми иқтисодӣ дар низоми идоракунии захираҳои об ва таҷрибаи хориҷии истифодабарии сарфакоронаи об дар заминаи механизми иқтисодии идоракунии захираҳои обӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки захираҳои об чун ҳамаи захираҳои табиии ҳар мамлакат қисми таркибии қувваҳои истеҳсолкунанда, шарти зарурии мавҷудият ва фаъолияти инсонҳо ба ҳисоб меравад. Баробари рушди қувваҳои истеҳсолкунанда алоқамандии ҷомеаи инсонӣ бо муҳити табиӣ торафт устувор мегардад. Ҳарчанд рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ба беҳбудии муҳити зист мусоидат мекунад, баъзан аз худ таъсироти манфӣ боқӣ мегузорад. Ин таъсирот аз харобшавӣ, ифлосшавии захираҳои табиӣ иборат аст. Вобаста ба ин имрӯз зарурати таҳияи механизми самараноки иқтисодии идораи истифодаи захираҳои табиӣ ба таври ҷиддӣ ба миён омадааст.

Диссертант қайд кардааст, ки рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, кӯшиши баландбардории ҳосилнокии меҳнат ва таъмини талаботи аҳолӣ ба мураккабшавӣ ва афзоиши сарбориҳои антропогеннӣ ба табиат, аз он ҷумла захираҳои об ва объектҳои маҷмааи хоҷагии об сабабгор гардиданд. Дар натиҷа харобшавӣ, ифлосшавӣ ва пастшавии сифати захираҳои об ба амал меояд, ки оқибати хатарҳои экологӣ ва шаклҳои гуногуни беморӣ мегардад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст, ки мафҳуми захираҳои табиӣ дар илми муосир алоқамандии низоми «ҷамъият-табиат» яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ҳаёти инсони алоҳида дар ҷомеа дар умум, дар доираи муҳити зист аз ҳисоби истифодаи захираҳои табиат амалӣ мегардад. Қоидаи мазкур аз нисбӣ будани

таркиби мафҳуми захираҳои табиӣ, ки дар вобастагӣ аз сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва илм қарор доранд, дарак медиҳад. Воридшавии ҷузъҳои табиат ба захираҳои табиат на ба таври стихиявӣ, балки бо роҳи интихоби қонунӣ сурат мегирад. Дар ин бобат ҳамчун маҳаки интихоб имконияти техникӣ, зарурати иқтисодӣ ва сатҳи муайяни омӯхташавандагӣ хизмат мекунанд. Ҳамин тавр, захираҳои табиӣ мақула (категория)-и ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, барои илмҳои иқтисодӣ мебошанд.

Барои муайянкунии механизмҳо ва самтҳои истифодаи самараноки захираҳои об азназаргузаронии сохтори вазифавии захираҳои об зарур аст, (Расми 1). Таҳлили соҳаҳо ва муассисаҳо-обистифодабарандагони асосӣ имконият медиҳад нақш ва аҳамияти онҳо дар истифодаи сарфакоронаи захираҳои об ҳамчун омили стратегии рушди минтақа муайян карда шавад.

Ба ақидаи муаллиф имконияти истифодабарии захираҳои об на танҳо аз рӯйи мавҷудияти сарчашмаҳои он, балки дар умум аз рӯйи як қатор омилҳои экологӣ ва хосиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ дошта, ки дар мафҳуми иқтидорҳои обию захиравии ҳудуд инъикос меёбанд, муайян карда мешавад.




***Расми 1. - Сохтори вазифавии захираҳои об***
***Сарчашма: Таҳияи муаллиф***

Ҳамин тавр, дар диссертатсия ҳамчун мафҳуми аввалия иқтидорҳои обию захиравӣ гуфта, имконияти маҷмуии хосиятҳо ва захираҳои иншоотҳои обии мавҷуда, ки метавон барои таъмини фаъолияти ҳаётии аҳолӣ равона кард ва талаботи истеҳсолоти ҷамъиятиро дар марҳалаи аниқи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат таъмин намуд, дар назар дошта мешавад.

Ҳангоми таҳқиқот ва ҳалли мушкилоти истифодабарии сарфакоронаи табиат бояд равиши минтақавӣ ба кор гирифта шавад. Ба назари мо ин ҷиҳати асосӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро хусусияти хоси равиши минтақавӣ дар кори таҳқиқи мушкилоти истифодабарии сарфакоронаи табиат аз он иборат аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба мушкилоти ташкили сарфакоронаи ҳудудии истифодаи табиат, ошкорсозии алоқамандиҳо бо сохтори ҳудудии хоҷагӣ аз нуқтаи назари самаранокии он равона карда мешавад.

Ба андешаи мо, равиши минтақавӣ чунин ҷиҳатҳоро бояд таъмин намояд: а) ташаккули паиҳами системаи мақсадҳои рушди минтақавӣ бо назардошти махсусиятҳои минтақавии мавҷуда ва пешгӯишавандаи шароитҳои аниқи минтақа; б) дар асоси махсусиятҳои минтақавӣ, лоиҳагирии вариантҳои тағйирдиҳии муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ; в) моделикунонии иқтисодии вариантҳои азнавсозии муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ, ки имконият медиҳанд таҳлил ва интихоби қарорҳои нисбатан сарфакоронаи лоиҳавӣ аз нуқтаи назари самаранокии ниҳоии хоҷагидорӣ барои дурнамои дарозмуҳлат ба ҷо оварда шаванд.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки мушкилоти зикршудаи хоҷагии об дар мамлакат: амиқшавии тамоюли исрофкории обистифодабарӣ, бадшавии сифати об, тезутундшавии норасоии обтаъминкунии аҳолӣ ва иқтисодиёт, афзоиши зарар аз таъсири зиёновари об, фарсудашавии фондҳо ва коҳишёбии ҳолати иншооти гидротехникиро ҳамчун бӯҳрони умуминизомӣ дар чунин як соҳаи калони инфрасохторӣ-хоҷагии об метавон баҳогузорӣ намуд. Бӯҳрони мазкур аз як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст, ки дорои ҳам хусусияти таърихӣ ва ҳам мутобиқшавӣ мебошанд ва ҳалли фавриро металабанд.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки дар шароити имрӯза хоҷагии об аз идораи иқтисодии объектҳои обтаъминкунӣ ва ҳавзаҳои он дар сатҳи минтақа ҷудо нест. Идораи онҳо бояд якҷоя ба роҳ монда шавад. Бо ёрии илми иқтисодиёт мо дар бораи се шакли механизмҳои иқтисодии истифодаи табиат маълумот пайдо хоҳем кард: механизми маҳдудкунанда ё таъқибкунанда, механизми сахт ва механизми ҳавасмандкунии рушди истеҳсолоти ба экология мувофиқ ва табиатҳифзкунанда.

Дар ҷомеа муддати зиёд андешае ҳукмрон буд, ки захираҳои об номаҳдуданд ва ҳамеша ройгон дастрас карда хоҳанд шуд. Аммо маълум гардид, ки ин ақида нодуруст аст. Бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар мамлакатҳо, махсусан афзоиши истеҳсолоти обмасрафкунанда, ифлосшавии сарчашмаҳои об, бавуҷудоии зиддиятҳо дар байни истифодабарандагони об дар мавриди истифодаи захираҳои об, ниҳоят, бо норасоии об дар ҳавзаи дарёҳои калон хароҷоти ҷомеа барои зиёд намудани захираҳои оби мавҷуда ва баробар кардани он бо стандартҳои зарурии сифат хеле афзуд. Маълум гардид, ки миқдори об ҳам маҳдуд аст ва он барои ҷомеа маҳсулоти хеле гаронбаҳост.

Дар таҳқиқоти илмӣ асоснок шудааст, ки низоми танзими иқтисодии обистифодабарӣ баҳисобгирӣ ва таҳлили иҷтимоию иқтисодии захираҳои об, ҳаҷми он, ҳолат, истифодабарӣ; маблағгузории барномаҳои экологӣ ва чорабиниҳои ташкили шартномаҳо ва литсензияҳо барои обистифодабарии маҷмуӣ; ҳалли мушкилоти арзёбии иқтисодии захираҳои об; таҳияи лимитҳои илмии асоснокшуда барои истифодаи онҳо, меъёрҳои партови моддаҳои зараровар; рушди фондҳои экологии об, суғурта; ҳавасмандсозии иқтисодии тозагии экологии истеҳсолот ва маҳсулот; рушди

технологияҳои бепартов, ҳамчунин ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳо ба ин мақсадро дар назар дорад.

Ба андешаи муаллиф, низоми танзими иқтисодии фаъолиятии хоҷагии об дар мамлакати мо, аз он ҷумла бамеъёрдарории партови моддаҳои зараррасон, ки ба объектҳои об бо маҷрои обҳои равон дохил мешаванд, ба вазъи воқеӣ мутобиқат намекунад. Бояд гуфт, ки далели аниқи самаранокии қоидаҳо ва механизмҳои истифодашаванда инҳо буда метавонанд: -ҳолати ғайриқаноатбахши бисёр объектҳои обии мавриди истифода. Низоми бамеъёрдарории партови моддаҳои зарарнок асосан хусусияти партовкуниро дорост; - ҷамъшавии ҳаддию иҷозатдодашудаи моддаҳои зарарнок вобаста ба тарзи обистифодабарӣ дар объекти об таъин карда мешавад (хоҷагию нӯшокӣ, фарҳангию маишӣ, хоҷагии моҳипарварӣ).

Дар кори илмӣ собит шудааст, ки камбудии дигари низоми мавҷудаи бамеъёрдарории истеъмоли об бо хусусияти аниқии ҳисобкунии он алоқаманд мебошад. Дар ин маврид ҳисобҳо барои ҳар як корхона алоҳида тартиб дода мешаванд. Талаботи ҳисобу китоби паиҳами ҳаддию иҷозатии партов аз сарчашма ба даҳана, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ нишон дода шудаанд, амалан иҷро карда намешаванд. Дар ин маврид бамеъёрдарории маҷмуии фаъолияти хоҷагии об дар ҳудуди қитъаи хеле калони гардиши об зарур мебошад, ки ин амал ба ҳалли вазифаи ҳамоҳангсозии самараи ҳифзи табиат дар ҳолати сатҳи дастраси хароҷоти муассиса, ё ҳамоҳангсозии хароҷот ҳангоми талаботи таъиншудаи экологӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, арзиши аслии об дар сарчашмаҳои рӯизаминӣ аз рӯйи ҷамъкунии хароҷотҳои истифодабарӣ дар объектҳои хоҷагии оби ҳавзаи мазкур ва воридсозии онҳо ба ҳаҷми умумии оби истифодашаванда аз тарафи соҳаҳои иқтисоди миллӣ муайян карда мешавад. Ҳаҷми фондии об ҳангоми ҳисобу китоби баҳодиҳӣ (нарх)-и об ҳамчун таносуби арзиши миёнаи солонаи фондҳои истеҳсолӣ, аз рӯйи ҳаҷми оби истеъмолшаванда аз сарчашмаи об муайян карда мешавад.

Дар диссертатсия усули нисбатан муосири арзёбии захираҳои об дар шароити ташаккули иқтисоди бозорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод мегардад, усуле ба ҳисоб меравад, ки асоси онро рентаи дифференсиалӣ ташкил дода, ифодакунандаи натиҷаи иловагӣ (даромади иловагӣ, сарфакории хароҷот ва монанди инҳо), ки дар натиҷаи истифодаи онҳо ба даст омадаанд, мебошад. Объекти баҳодиҳӣ дар ин маврид метавонад обанбори пӯшида бошад: қитъаи хоҷагии об, чоҳи артезианӣ ва монанди инҳо, ки худ аз худ ё дар маҷмуъ бо фондҳои иммобилии таъминкунандаи раванди истифодаи онҳо (иншооти гидротехникӣ ва ғ.) гирифта шудаанд.

Дар мамлакати мо амудияти иерархии идораи давлатии захираҳои об амал мекунад, ки зинаҳои асосиаш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҷойҳо, ҳамчунин ваколатдорони мақомоти давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об, тибқи қонунгузорӣ - Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Вазорати мазкур ба масъалаҳои об ва энергетика, ки захираҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим барои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба ҳисоб мераванд, машғул аст. Таҳти сарпарастии як вазорат қарор додани захираҳои обию энергетикӣ барои ҳалли вазифаҳои зиёди муҳим дар асоси равиши ягона саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо ҷорӣ шудани муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ зарурияти дар соҳаи обистифодабарӣ гузаронидани як қатор ислоҳоти институтсионалиро ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, механизми иқтисодии идораи обистифодабарӣ ба як қатор зерсистемаҳои таъминкунанда эҳтиёҷ дорад. Инҳо зерсистемаҳои таъмини ҳуқуқӣ, кадрӣ, илмию техникӣ ва иттилоотӣ буда метавонанд. Инак, аз рӯйи арзёбии мо, низоми ҷории механизми иқтисодии обистифодабарӣ дар мо норасоиҳои зеринро дорост: - ҳолати воқеии объектҳои об ва имкониятҳои техникию иқтисодии дастёбии нишондиҳандаҳои

талабшавандаи сифати об нокифоя ба ҳисоб гирифта мешаванд; низоми пардохтҳо ҳавасмандии заруриро барои камшавии партови моддаҳои зарарнок таъмин намесозад, чараёни молиявии заруриро барои гузаронидани чорабиниҳои ҷавобгӯйи ҳифзи об ба вуҷуд намеорад; қоидаи маблағгузориҳои бақиявӣ ба хоҷагии об то ҳол нигоҳ дошта шудааст, ки имконият намедиҳад ҳадафҳои ниҳоии обистифодабарии устувор амалӣ сохта шаванд; низоми мавҷудаи идораи захираҳои об ба қоидаҳои обистифодабарии сарфакорона ва муносибатҳои бозорӣ дар хоҷагии об ва ғайра ҷавобгӯ нест.

Низоми ҷории механизми иқтисодии обистифодабарӣ дар баҳисобгирӣ ва таҳлили иҷтимоию иқтисодии захираҳои об, ҳаҷми он, ҳолат, истифодабарӣ; маблағгузории барномаҳои экологӣ ва чорабиниҳои ташкили шартномаҳо ва литсензияҳо барои обистифодабарии маҷмуӣ;




***Расми 2. - Схемаи механизми бисёрсатҳаи идоракунии истифодабарии захираҳои об***
***Сарчашма: Таҳияи муаллиф***

ҳалли мушкилоти арзёбии иқтисодии захираҳои об; таҳияи лимитҳои илмии асоснокшуда барои истифодаи онҳо, меъёрҳои партови моддаҳои зараровар; рушди фондҳои экологии об, суғурта; ҳавасмандсозии иқтисодии тозагии экологии истеҳсолот ва маҳсулот; рушди технологияҳои бепартов, ҳамчунин ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳо ба ин мақсадро дар назар дорад,*(расми 2)*.Низоми идораи захираҳои об дар дохили мамлакат барои аниқ муайян кардани вазифаҳои давлат дар сектори об ва муайянкунии роҳҳои асосии ҳалли масъалаҳои обистифодабарӣ зарур аст. Ташкили

механизми таъсирбахши идораи захираҳои об вазифаи мураккаб ба шумор меравад. Маҳз ба ин сабаб, таҷрибаи мамолики хориҷии аз ҷиҳати иқтисодиётӣ пешрафта, ки дар замонаш ба ин мушкилот дучор шудаанд ва механизмҳои ҳалли онҳоро таҳия ва бомуваффақият ба амал ҷорӣ карда тавонистанд, махсусан муҳим арзёбӣ мешавад.

Бисёр мамлакатҳои дунё схемаҳои муайяни мантиқии идораи захираҳои об, аз он ҷумла сарфакории ҳамаҷонибаи захираҳои обро тартиб дода, дар як вақт тақсимоти ҳудудии ҷараёни обро на танҳо дар дохили як мамлакат, балки дар байни давлатҳои ҳамсоя васеъ истифода мебаранд. Кооператсияи мазкур тавассути ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар масъалаи муносибатҳои об ба даст меояд. Баробари ин, чорабинии мазкур дар аксар ҳолат ҳаҷми хеле калони сармоягузориро металабад, аммо ҳукуматҳои мамлакатҳо бо сабаби нобаробарии калони тақсимоти маҷрои об дар ҳудудҳо ва вобаста ба он ки омили об вақтҳои охир дар масъалаи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо ба таври лимитӣ ба роҳ монда мешавад, ба чунин кор даст мезананд.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти идораи захираҳои об барои такмили низоми идораи хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо вазифаҳои зерини аввалиндараҷаро бояд ҳал намуд: -ташкили низоми идораи хоҷагии оби ҷумҳурӣ аз рӯйи қоидаи ҳавзавӣ (бассейнӣ); -аниққунонии объектҳои идора, таҳияи сохтори мақомоти идора ва муайянкунии алоқамандиҳои вазифавӣ; -бо истифодаи равиши тақсимкунонӣ (дифференсионӣ) дар мавриди низомҳои гуногуни хоҷагии об муайян кардани ҷой ва аҳамияти усулҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодии танзим дар низоми идораи хоҷагии об; -таҳияи механизмҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва технологии иҷрои вазифаҳои дахлдори идорӣ; -таҳияи модели маҷмуавии хоҷагии оби ҳавзавие, ки ҷорикунонӣ ва истифодаи минбаъдаи он дар низоми идора рушди устувори тамоми низомро таъмин месозад.

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои истифодабарии захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»** хусусиятҳои табиию хоҷагидорӣ ва омилҳои истифодабарии захираҳои об дар Тоҷикистон муайян, арзёбии вазифаҳои идоракунии обистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва баҳодиҳии истифодабарии захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки захираҳои об яке аз асосҳои рушди устувор маҳсуб меёбанд. Зеро онҳо бо як қатор мушкилоти асосӣ, чун бехатарии озуқаворӣ ва рушди устувори кишоварзӣ, ҳифзи саломатии инсон, рушди устувори шаҳрҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин, ҳифзи гуногунрангии биологӣ, пешгирии биёбоншавӣ ва вайроншавии замин алоқамандии наздик доранд. Ҳамаи ин аз муҳиммияти истифодаи равиши байнисекторӣ дар идораи захираҳои об дарак медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои об бой аст. Дар ҳудуди он қариб тамоми намудҳои объектҳои обии рӯйи замин мавҷуданд. Ҳаҷми захираҳои оби ҷумҳурӣ талаботи хоҷагии халқро ҳам дар сатҳи имрӯза, ҳам дар дурнамои наздик таъмин карда метавонад. Аммо аз сабаби тақсимоти нобаробар ҳам дар доираи ҳудуди ҷумҳурӣ ва ҳам аз рӯйи вақт дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат норасоии об мушоҳида мешавад. Чунончӣ, дар давраи тобистон, давраи талаботи баландтарин ба оби барои обёрӣ дар ҳавзаи дарёи Ому норасоии об 465,5 млн мукаабметрро ташкил медиҳад, ин рақам дар ҳавзаи дарёи Сир ба 94 млн мукаабметр баробар мебошад.

Тақсимоти меъёри маҷрои солона мутобиқ ба тағйироти асосии омилҳои иқлимӣ мебошад ва аз рӯйи коҳиши умумии алоқаманд бо камшавии миқдори боришоти атмосферӣ ва афзоиши бухоршавӣ муайян мегардад. Тағйироти назаррасро ба тақсими минтақавии маҷрои об иқлим ворид месозад. Туфайли он дар ноҳияҳои кӯҳистон аҳамияти нисбатан зиёди маҷро мушоҳида мешавад. Хусусиятҳои обҳои рӯизаминии

ҳавзаҳои дарёҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти нишондиҳандаи резишгоҳашон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Захираи обҳои рӯизаминии барои нӯшидан тибқи ҳавзаи дарёҳо**

| *Номи ҳавзаи дарёҳо* | *Резиши миёнаи бисёрсола* | | *Аз он ҷумла, ба сифати нӯшокӣ* | |
|---|---|---|---|---|
| | **км³** | % | **км³** | % |
| Панҷ (ҳавзаи дарёи Қизилсу) | 33,369 | 41,6 | 33,669 | 51,4 |
| Кофарниҳон | 5,191 | 6,5 | 5,191 | 8,0 |
| Сурхондарё | 1,015 | 1,3 | 1,015 | 1,6 |
| Вахш | 18,90 | 23,6 | 18,90 | 29,1 |
| Зарафшон | 5,139 | 6,4 | 5,139 | 7,9 |
| Сирдарё | 15,978 | 19,8 | 15,978 | 1,0 |
| Исфара | 0,46 | 0,6 | 0,46 | 0,7 |
| Ҳавзаи обанбори Катасой ва дарёчаҳои қаторкӯҳи Туркистон | 0,147 | 0,2 | 0,147 | 0,2 |

***Сарчашма:** Ҳифзи муҳити зист /Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе.: Агентии омори назди ПҶТ, 2022. -С.17 ва ҳисоби муаллиф.*

Захираҳои обҳои рӯизаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли маҷрои дарёҳо, маҷроҳои муваққатии об, захираҳои бисёрсолаи об дар кӯлҳо, толобҳо ва пасобҳои калони дарёҳо, ҳамчунин захираи обҳои дар натиҷаи обшавии барф ҳосилшуда, пасобҳои маҷро надошта ба назар мерасанд. Мувофиқи маълумоти расмии дар ҷадвали 1 овардашуда аз резиши миёнасолонаи об дар тамоми ҳавзаи дарёҳо (100%) захираи обҳои рӯизаминии барои нӯшидан мувофиқ ба 91,9% баробар аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки релефи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан доманакӯҳӣ ва кӯҳистонӣ мебошад. Ин хусусияти партовҳои назарраси аз баландӣ воридшаванда ва заҳбуркушоии зиёди заминҳои киштшавандаро нишон медиҳад. Ҳамин тавр, истифодаи техникаву технологияи кӯҳнаи обдиҳӣ (дар ҷӯяҳо), мавҷудияти заминҳои зиёди санглох ба афзоиши бозгашти маҷро (резиши об) мусоидат мекунад. Ин аст, ки бозгашти маҷрои об дар заминҳои ҷумҳурӣ ҳаҷми калонро дар бар мегирад ва ба қариб 3,5-4,0 км³/сол мерасад, аз ин қариб 3,0 км³ /сол ба обҳои коллекторию заҳбурӣ (дренажӣ) бо киштзорҳои обёришаванда ва 0,50 км³/сол ба обҳои коммуналию маишӣ ва пасобҳои саноатӣ рост меояд. Аз ин қисми асосии бозгашти об, тахминан 3,0 км³/сол аз нав ба дарё ворид мешавад. Зиёда аз 0,30 км³/сол ё 8%-и обҳои бозгашта такроран барои обёрӣ истифода мешаванд, ки ин кам аст.

Идораи захираҳои об яке аз муҳимтарин сиёсатҳои таркибии миллии оби ҳар мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар шароити гузариш ба истифодаи устувори об барқарории низоми мутобиқи идораи захираҳои об ба вазифаи аз ҳама муҳим табдил ёфтааст. Идораи захираҳои оби ҳудуди муайян аз тарафи мутахассисон ҳамчун идораи низоми хоҷагии оби ҳавзаи дарёҳои таркибии фонди он баррасӣ мегардад. Дар ин маврид идораи фаъолияти хоҷагии об маънои вазифаи таъсиррасонии низоми махсуси муташакили давлатӣ ба низоми иҷтимоию экологию иқтисодии ҳавза тавассути маҷмуи чорабиниҳо ва фишангҳоро дорад.

Асоси стратегияи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмини талаботи наслҳои имрӯза ва ояндаро бо таъмини қарорҳои ҳамоҳанги мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити мусоиди зист дар назар дорад, такя ба иқтисоди мустақил ва иқтидорҳои худии захиравӣ, истеҳсолӣ ва иқтидорҳои зеҳнӣ мебошад. Ҳамаи ин ба соҳаи хоҷагии об низ дахлдор аст. Самаранокии идораи захираҳои об самаранокии кори низоми хоҷагии обро дар назар дорад. Бо афзоиши теъдоди истеъмолгарон ва

мутаносибан камшавии меъёри истеъмол, раванди идораи захираҳои об истифодаи равишҳо ва технологияҳои нисбатан самаранокро металабад.

Дар раванди гузариш ба асосҳои истифодаи устувори об сиёсати давлатии об тамоми маҷмуи ҷанбаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои обро аз мавқеи ҳифзи тавозуни байни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии давлат ба ҳам пайванд месозад. Мақсади асосии идора дар ин маврид дастрасии обистифодабарии устувор мебошад, ки ҳифз ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои об, ҳамчунин рушди ҳамоҳангшудаи низомҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии ҳавзаҳои обро таъмин менамояд. Амалисозии ҳадафҳои гузоштаи давлат оид ба сиёсати обро зарурати додани хусусияти маҷмуӣ ба идораи фаъолияти хоҷагии об ва таҳияи механизмҳо барои иҷрои ҳаматарафаи вазифаҳои он асоснок кардааст.

Ба андешаи мо, ҳангоми иҷрои вазифаҳои идораи захираҳои об мувофиқи мақсад аст, ки идоракунии ҳавзавӣ истифода шавад. Он барномаҳои мақсадноки маҷмуиро барои ҳамаи ҳавзаи об таҳия менамояд, ки дар воҳидҳои маъмурӣ тавассути идораи ҳудудии захираҳои об ба иҷро мерасад. Дар ин маврид, ҳамчунин ошкории низоми идораи захираҳои об барои назорати ҷамъиятӣ ва дастрасии он барои ширкати ҷамоатчигӣ дар ҳалли масъалаҳои алоқаманд бо идора аҳамияти калон дорад.

Ташкили низоми идоракунии хоҷагии оби ҷумҳурӣ ба таҷрибаи мавҷудаи самараноки дар ин маврид такя карда метавонад. Таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи мазкурро метавон ҳангоми интихоби усулҳое, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор меравbooking ва арзёбии такмили механизмҳои идоракунии хоҷагии об истифода бурд. Тағйирот дар идоракунии хоҷагии об дар мамлакатҳои хориҷа бо масъалаҳои тақсимоти баъдинаи ҷавобгарӣ ва салоҳиятҳо дар соҳаҳои хоҷагӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамчунин ғайримарказонидани вазифаҳои назорат аз болои хоҷагии об ҳангоми баландбардории нақши танзимкунандаи давлат дар масъалаҳои таъмини равиши муттаҳидкунанда барои идораи ҳавзаи обӣ алоқамандии зич дорад. Барои расидан ба ин мақсадҳо вазифаҳои дурнамо оид ба мустаҳкамкунии асосҳои секторҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иқтисодии обӣ ҳар мамлакат ошкор карда мешаванд. Дар ин бобат чорабиниҳои алоқаманд на бо мутобиқат ба талаботи миқдорӣ, балки ба нигоҳдории сифати захираҳои об афзалиятнок дониста мешавад. Сатҳи миллии идораи захираҳои об тавассути мутобиққунӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати об, ҳамчунин қабули қарорҳо оид ба сармоягузории объектҳои бузурге, ки дорои эҳтиёҷоти обистифодабарии калон мебошанд, амалӣ гардонида мешавад. Қарорҳои идоркунӣ аз рӯйи чунин объектҳо чорабиниҳои алоқаманд бо ҳифзи захираҳои об аз ифлосшавӣ ва хушкшавиро пешбинӣ менамоянд.

Механизмҳои иқтисодии истифодаи захираҳои об ҳамчун муҳимтарин низоми таркибии идораи давлатии фаъолияти хоҷагии об, бо назардошти талаботи экология бошад, ҳамчун қоидаи муҳимтарини консепсияи амалкарди аз ҷиҳати экологӣ бехатари низоми обистифодабарӣ дар КАС (комплекси агросаноатӣ), ки ба экологикунонидани истифодаи захираҳои обу замин ва ғ. нигаронда шудааст, огоҳонидани ифлосшавии экосистемаҳои об, хок ва маҳсулоти кишоварзӣ баромад мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки мушкилоти омодакунии мутахассисони баландихтисос оид ба идоракунии захираҳои об масъалаи муҳими стратегӣ ба ҳисоб меравад. То ба имрӯз низоми тайёркунии кадрҳое, ки шароити имрӯзаи бозориро ба ҳисоб мегиранд, барқарор карда нашудааст. Аз як ҷиҳат ин ба хароҷоти аз тарафи донишҷӯён гузаронидани таҷрибаи воқеии дарозмуҳлати истеҳсолӣ вобаста аст. Аммо барои идораи самараноки захираҳои об танҳо донишҳои назариявӣ басанда нестанд. Аз ҳисоби ёрии техникии ташкилотҳои байналмилалӣ шумораи маҳдуди мутахасссисон дар мамлакатҳои дорои заминдории тараққикардаи обёришаванда тренингҳои

кӯтоҳмуддати шиносоӣ мегузаранд. Дар ин бобат Маркази Осиёи миёнагии тренинги МКВК, ки дар шаҳри Тошканд ҷой гирифтааст, ёрӣ мерасонад. Аммо мушоҳида мешавад, ки бе ташкили маркази худии омӯзишӣ ва ба таври мунтазам баланд бардоштани тахассуси кормандони хоҷагии об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати мутахассисонро аз ин зиёд баланд бардоштан имкон надорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ислоҳот дар низоми идораи кишоварзӣ идома дорад. Механизмҳои бозорӣ дар заминдории обёришаванда такмил меёбад, ки ин имконият медиҳад дар солҳои наздиктарин самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ баланд бардошта, механизми самараноки иқтисодие ба вуҷуд оварда шавад, ки маблағгузории зарурии нигоҳдорӣ ва истифодаи низомҳои ирригатсионӣ ва заҳбури(дренажӣ)-и мамлакатро таъмин созад. Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин аст, ки суръати иҷрои вазифаҳои зикршуда моро қаноатманд карда наметавонад. Маълумот дар бораи истифодаи об дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидааст.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки соли 2021 назар ба соли 2017 истифодаи об дар бахшҳои иқтисодиёт дар мҷмӯъ 23,7% тамоюл ба афзоиш дорад. Ҳамчунин, тамоюли мусбӣ дар хоҷагии кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикор, моҳипарварӣ (34,6%) ва дар хоҷагиҳои хонаводагӣ ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (21,0%) ба назар мерасанд, аммо дар саноати истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ, об ва таъмини гармӣ, аз он ҷумла дар соҳаи истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, ҳамчунин хоҷагии манзилӣ ин нишондиҳанда тамоюли манфӣ (-28,3%) касб кардааст.

**Ҷадвали 2. -Динамикаи истифодаи об дар бахшҳои иқтисодиёт дар солҳои 2017-2021, млн. м³**

| **Нишондиҳандаҳо** | | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021 нисбат ба 2017** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи оби истифодашуда ба мақсади гуногун, аз он ҷумла: | I | **7988** | **9774** | **10602** | **10159** | **10468** | **2480** *(23,7 %)* |
| | II | *100%* | *100%* | *100%* | *100%* | *100%* | |
| -Хоҷагии кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, шикор, моҳипарварӣ | I | 5186 | 7378 | 7954 | 7813 | 7935 | 2749 *(34,6%)* |
| | II | *64,9%* | *75,5%* | *75,0%* | *76,9%* | *75,8%* | |
| -Саноати истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ, об ва таъмини гармӣ | I | 2084 | 1610 | 1736 | 1542 | 1624 | - 460 *( -28,3%)* |
| | II | *26,1%* | *16,5%* | *16,4%* | *15,2%* | *15,5%* | |
| -Хоҷагиҳои хонаводагӣ ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | I | 718 | 786 | 912 | 804 | 909 | 191 *( 21,0%)* |
| | II | *9,0%* | *8,0%* | *8,6%* | *7,9%* | *8,7%* | |
| | **Эзоҳ:** I – ҳаҷми об, млн. м³ | | | | | | |
| | II – бо % нисбати ҳаҷми умумӣ | | | | | | |

***Сарчашма: Ҳифзи муҳити зист /Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, Агентии омори назди ПҶТ, 2022. - С.19 ва ҳисоби муаллиф.***

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки захираҳои об, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он хеле бой аст, имрӯз сарчашмаи асосии истеҳсоли нерӯи барқ ба ҳисоб меравад. Зеро зиёда аз 95%-и нерӯи барқ дар кишвари мо тавассути пойгоҳҳои барқии обӣ истеҳсол карда мешаванд. Ғайр аз ин, захираҳои об тибқи анъана дар хоҷагии қишлоқ, яъне, заминдории обёришаванда васеъ истифода бурда мешавад. Масалан, имрӯзҳо то 80%-и маҳсулоти кишоварзӣ аз заминдории обёришаванда ба даст меояд. Баробари ин, захираҳои об дар обтаъминкунии оби нӯшокӣ, тозагӣ (санитария), дар соҳаҳои саноат ва хоҷагии моҳидорӣ ба кор меравад. Низоми хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фонди об, истеҳсолоти хоҷагии об иборат аз иншооти рӯдхонавӣ ташкил ёфтааст, ки таъминкунандаи

танзим ва азнавтақсимкунии ҳудуди маҷро, такрористеҳсолкунии захираҳои об, бунёди ҳифз аз таъсири зиёновари об, гурӯҳи иншооти технологию биологӣ ва иҷтимоию гигиении истифодаи об, ҳамчунин оид ба тозакунӣ ва баровардани оби партов мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ истифодабарандаи асосии об аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки онро ба ҳадафҳои нӯшокӣ ва тозагӣ (санитария) ба кор мебарад. Ҳамчунин, об барои истеҳсоли нерӯи барқ, дар хоҷагии кишоварзӣ, аз он ҷумла заминдории обёришаванда, соҳаҳои саноат, хоҷагии моҳипарварӣ, ҳамчунин ба мақсади шифобахшӣ (рекреатсионӣ) ва омили экологӣ истифода бурда мешавад. Тибқи рақамҳои омори расмӣ ҳаҷми истифодашаванда барои обтаъминкунии нӯшокӣ солона 400 млн. м$^3$/солро ташкил медиҳад.

Азбаски сектори мазкур аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки ислоҳоти сектори оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, аз ин бармеояд, ки дар таъмини истифодаи сарфакоронаи захираҳои об аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Агар аҳолӣ солона тахминан 105-110 млн. м$^3$/сол об истифода барад, он гоҳ сектори заминдории обёришаванда солона ба ҳисоби миёна зиёда 10 млн. м$^3$/сол обро истифода мебарад. Яке аз истеъмолгари асосии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагии манзилӣ мебошад, яъне, захираҳои бештар ба таъминоти маишии об равона мегардад. Сохтори минтақавии истифодаи маишии об дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3. - Динамикаи обистифодабарии маишӣ ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ, м$^3$/сол**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар: | 12,9 | 13,9 | 13,6 | 13,4 | 14,3 | 1,4 (9,8%) |
| ВМКБ | 25,1 | 25,9 | 32,8 | 27,5 | 33,6 | 8,5 (25,3%) |
| Вилояти Суғд | 17,3 | 17,8 | 10,3 | 14,0 | 13,2 | -4,1 (-31,1%) |
| Вилояти Хатлон | 5,9 | 7,8 | 6,6 | 6,5 | 6,2 | 0,3 (4,8%) |
| НТҶ | 3,3 | 4,1 | 4,7 | 5,6 | 4,2 | 0,9 (21,4%) |

***Сарчашма: Ҳифзи муҳити зист (Маҷмуаи оморӣ). - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.48 ва ҳисоби муаллиф.***

Дар рисола қайд шудааст, ки яке аз сабабҳои коҳиши фаъолияти истеҳсолии соҳа набудани шароит ва кӯҳнашавии ҷисмонии воситаҳои асосии истеҳсолот бо сабаби гузаштани муҳлати истифодаи онҳо мебошад. Дар ҷумҳурӣ бо сабаби набудани корхонаҳои саноатӣ лӯлаҳои филизӣ ва қисматҳои дигар барои шабакаҳои обгузарон истеҳсол карда намешаванд. Вобаста ба ин ташкилотҳоро зарур аст, ки ҷузъҳои мазкурро аз беруни мамлакат оваранд, ки ин маблағгузории калонро металабад. Корхонаҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ имконияти пурра таъмин намудан ва хизматрасонии иқтидорҳои худро надоранд, баробари ин, вазъият бо сабаби сари вақт пардохт нанамудани хизматрасониҳо оид ба истифодаи об аз тарафи обистифодабарандагон мураккабтар гаштааст. Дар сектори мазкур зиёда аз 90%-и ҳаҷми умумии обҷамъшавӣ аз сарчашмаҳои табиӣ бевосита дар заминдории обёришаванда истифода бурда мешавад, (Диаграммаи 1). Қобили қайд аст, ки истифодаи технологияи нодурусти обёрӣ ва маданияти пасти заминдорӣ ба

пурзӯршавии раванди бодхӯрдашавӣ (эрозия), афзоиши шӯршавии замин, обзеркунии заминҳои кишт ва баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ оварда мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият зуҳуроти мазкур вобаста ба набудани механизми дурусти маблағгузории корҳои барқароркунии низоми обёрӣ, гарон будани нархи захираҳои истеҳсолӣ, ғайрикомил будани механизми ташкилию иқтисодии танзими мелиоратсия ва набудани фишангҳои таъсирбахши иқтисодиву ҳуқуқии истифодаи сарфакоронаи заминҳои обёришаванда боз ҳам тезу тунд гашт. Амиқшавии равандҳои мазкур ба пастшавии самаранокии истеҳсолот ва вобаста ба ин, ба хатари бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонида метавонад.




***Диаграммаи 1. - Сохтори обтаъминкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021***
***Сарчашма: Ҳифзи муҳити зист (Маҷмуаи оморӣ). - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.19,48,49 ва ҳисоби муаллиф.***

Дар асоси таҳлили ҳолати сифатии захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон инҷониб, қоидаҳои зерини методиро пешниҳод менамояд: А) Ҳолати сифатии захираҳои об дараҷаи самаранокии механизми иқтисодии идораи сарфакоронаи истифодаи обро инъикос менамояд, зеро тағйирёбии сифати об дар сарчашмаҳо натиҷаи амали фишангҳои механизми иқтисодии истифодаи сарфакоронаи об мебошад; Б) Муқоисаи ҳолати сифатии захираҳои об бо истифодаи таҳлили тағйирёбии ҷамъшавии моддаҳои ифлоскунанда дар сарчашмаҳои об гузаронида шуд. Бо сабаби барзиёдии моддаҳои ифлоскунанда ва номумкинии муқоисакунӣ аз рӯйи ҳар яки онҳо дар асоси таҳлил моддаҳои нисбатан паҳншудаи ифлоскунанда гирифта шуданд.

Дар рисолаи илмӣ дар асоси маълумотҳои ҷамъовардашуда нархнома (тарифҳои хизмати)-и обрасонӣ ва оббарорӣ аз шабакаҳои давлатии обёрӣ дар идораҳои беҳдошти замин ва обёрии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон (бо назардошти ААИ)-ро дар чадвали 4 нишон додем.

Маълум аст, ки қисмати зиёди ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзии чумҳурӣ дар заминҳои обёришаванда истеҳсол мегарданд. Нархнома (тарифҳои хизмати)-и обрасонӣ ва оббарорӣ аз шабакаҳои давлатии обёрӣ дар идораҳои беҳдошти замин ва обёрии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон (бо назардошти ААИ) дар чадвали 4 оварда шудаанд.Мавриди зикр аст, ки дар нархномаи (тарифҳои хизматӣ) барои обрасонӣ ва оббарорӣ аз шабакаҳои давлатии обёрӣ дар идораҳои беҳдошти замин ва обёрии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон (бо назардошти ААИ) аз соли 2017 то соли 2022 тағйирот ба назар

мерасанд, ки он дар шакли пулӣ барои обёрии 1га замини кишти зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоби миёна +33,3%-ро ташкил медиҳад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки ҳангоми ташаккули механизми самараноки иқтисодии истифодаи об ба ҳисоб гирифтани дараҷаи ифлосшавии ҳавзаҳои дарёҳои калон муҳим мебошад. Ғайр аз ин, ҳангоми баррасии масъалаҳои танзими иқтисодии истеъмоли об ба назари мо бисёр муҳим аст, ки гузаронидани фаросарҳадии моддаҳои зарарнок тавассути шабакаҳои дарёҳо ба назари эътибор гирифта шаванд. Аз ин рӯ, ҳиссаи ҳар як минтақа дар ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд ва ҳамаи ҳисобҳои иқтисодиро аз рӯйи минтақаҳое, ки дар ҳавзаи дахлдори дарё ҷойгиранд, бояд тақсим намуд.

**Ҷадвали 4. - Нархнома (тарифҳои хизматӣ) барои обрасонӣ ва оббарорӣ аз шабакаҳои давлатии обёрӣ дар идораҳои беҳдошти замин ва обёрии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Номгӯи истифодабарандагони об | Маблағи ҳаққи пардохт (бо назардошти ААИ), дирам | |
|---|---|---|---|
| Дар минтақаҳои бо обченкунак ҷиҳозонидашуда | | **2017** | **2022** |
| 1. | Барои обёрикунии заминҳо (хоҷагиҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликият) ба 1м³/дирам | 1,5 | 2,0 |
| 2. | Барои ҳавзҳои моҳипарварӣ ба 1м³/дирам (қарори ҲҶТаз 3 марти соли 2001, №123) | 0,01 | 0,01 |
| 3. | Барои истифодабарандагоне,ки ба соҳаи обёришавии заминҳо мансуб нестанд ба 1м³/дирам | 2,5 | 3,33 |
| Дар минтақаҳое, ки обченкунакҳо таъмин карда нашудааст ва имконияти таъмин карданро надорад. *Барои зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи меъёри миёнаи талаботи об ба 1га дар мавсими обдиҳӣ.* | | | |
| 1. | Пахта (аз рӯи меъёри 10000 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 150,00 | 200,00 |
| 2. | Ғаллаи тирамоҳӣ (аз рӯи меъёри 2200 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 33,00 | 44,00 |
| 3. | Ҷуворимакка барои дон, ҳосили 1-ум (аз рӯи меъёри 9000 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 135,00 | 180,00 |
| 4. | Ҷуворимакка барои дон, ҳосили 2-юм (аз рӯи меъёри 7800 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 117,00 | 156,00 |
| 5. | Ҷуворимакка барои силос, ҳосили 2-юм (аз рӯи меъёри 3500 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 52,50 | 70,00 |
| 6. | Шолӣ (аз рӯи меъёри 37000 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 555,00 | 740,00 |
| 7. | Сабзавот (аз рӯи меъёри 12000 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 180,00 | 240,00 |
| 8. | Беда (аз рӯи меъёри 12500 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 187,50 | 250,00 |
| 9. | Боғҳо (аз рӯи меъёри 9500 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 142,50 | 190,00 |
| 10. | Картошка (аз рӯи меъёри 6500 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 97,50 | 130,00 |
| 11. | Полизиҳо (аз рӯи меъёри 5000 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 75,00 | 100,00 |
| 12. | Тамокӯ, ситрус ва зироатҳои чорво (алафҳои яксола) (аз рӯи меъёри 5500 м³ ба 1 га/сомонӣ) | 82,50 | 110,00 |

***Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.*

Новобаста ба он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути иқлими кӯҳӣ дорои захираҳои оби зиёд мебошад, аз сабаби васеъ инкишоф ёфтани раванди ифлосшавӣ ва тақсимоти нобаробари ҳудудӣ дар ин ҷо норасоии об ба чашм мерасад. Таҳқиқотҳои гузаронида дар ин бора шаҳодат медиҳанд, ки ояндаи хоҷагии оби ҷумҳуриро ба истифодаи маҷмуии захираҳои об бо қисман

гузаронидани маҷрои рӯизаминӣ ба маҷрои зеризаминӣ ҳамоҳанг бояд сохт. Ҳамчунин, технологияҳои муосири обистифодабарӣ ва ҳифзи объектҳои хоҷагии об васеъ истифода бурда шаванд.

**Дар боби сеюм «Такмили механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** такмили сохтори механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии захираҳои об дар ҷумҳурӣ, ташаккули механизми истифодабарии пулакии об-асоси истифодабарии сарфакоронаи захираҳои оби ҷумҳурӣ ва самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки гуногунии вазифа ва мушкилоте, ки дар назди хоҷагии об меистанд, омӯзиши ҷиддию ҳаматарафаи захираҳои об, танзим ва идоракунии он дар асоси маълумоти аниқ оид ба вазъи истифодаи об аз тарафи аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт, бо об таъминкунии маҷмуаҳои табиӣ, ҳолати сифати захираҳои оби рӯйизаминӣ ва зеризаминиро талаб мекунад. Имрӯз дар ҳавзаҳои дарёии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти зиёди хоҷагии об ба назар мерасанд, ки баъди муддате метавонанд омили боздошти рушди иҷтимоию иқтисодии баъзе минтақаҳо гарданд. Аз ин рӯ, зарурати қабули чорабиниҳои саривақтӣ бо назардошти хусусияти дарозмуҳлатии таҳия ва иҷрои лоиҳаҳои хоҷагии об ба миён омадааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили комплекси хоҷагии оби ҷумҳурӣ, норасоиҳои асосии низоми амалкунандаи идоракунии об ва захираҳои истифодабарии об дар минтақаҳо (пойгоҳи асосиашон механизми иқтисодӣ мебошад)-ро муайян кардааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд: набудани алоқамандии байни блокҳои захиравӣ, вақте ки арзёбии арзиши захираҳои об, нормативҳои пардохт дар асоси равишҳои тамоман гуногуни қоидавӣ муайян карда мешаванд; набудани механизмҳои мутобиқшавии низоми идораи захираҳои об ба муносибатҳои бозорӣ, ки ин арзиши пасти меъёрии захираҳои обро ба вуҷуд овардааст ва ин дар навбати худ, барои ба таври пурра ҷорӣ намудани фишангҳои иқтисодӣ дар кори истифодаи об имконият фароҳам намеорад; набудани механизмҳои муайянкунии афзалиятнокии вазифаҳои ҳалшаванда дар истифодаи об, ҳифзу барқароркунии захираҳои об ва равиши маҷмуӣ барои ҳалли онҳо; зарурати ҳатмии экологикунонии низоми андоз; хусусияти ғайрииқтисодии механизми бамеъёрдарорӣ ва тақсими лимит барои истифодаи захираҳои об.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки рушди низоми идораи истифодаи об дар шароити нави иқтисодӣ бо роҳи такмили механизми иқтисодӣ амалӣ гардонида мешавад, ки аз низоми усулҳо, воситаҳо, амалиёти таъминкунандаи фаъолияти танзимгарони бозории истифодаи об иборат аст. Маҳз низоми амалҳо (ҷузъҳо)-и иқтисодӣ самаранокии идора ва истифодаи сарфакоронаи обро бояд таъмин созад. Дар шароити рушди босуръати такмили ҷузъҳои аллакай мавҷуда ва таҳияи объектҳои нави комплекси хоҷагии об, онҳо бояд ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯй ва мутобиқат намоянд.

Фишанги муҳими истифодаи сарфакоронаи захираҳои об идораи дуруст дар асоси механизми иқтисодии низоми пардохтҳо ва андози рентавӣ ҳамчун замина барои худмаблағгузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин бобат ба кори идораи давлатии захираҳои об ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ низ ҷалб карда мешаванд. Бо мақсади ҳалли мушкилоти мавҷудаи об дар мамлакат барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва минтақавие таҳия ва мавриди амал қарор дода мешаванд, ки ба истифодаи сарфакоронаи захираҳои об, таъмини стандартҳои

пешқадами экологӣ, коҳиши таъсири манфии об ба иқлим ва баландбардории бехатарии иншооти гидротехникӣ равона карда шудаанд.

Диссертант бо истифода аз таҷрибаи хориҷаи идораи истифодабарии об ва таҳлили таҷрибаи ватании идораи истифодабарии об хулоса намудааст,ки шакли нисбатан самараноки танзими муносибатҳои об дар шароити муносибатҳои бозорӣ ташкил ва фаъолияти агентиҳои минтақавии ҳавзавӣ (иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо) буда метавонад, ки ба ҳайати онҳо соҳибмулки объекти об (давлат) ва истифодабарандагони об, ки фаъолияти хешро дар ҳудуди минтақаи мазкур амалӣ месозанд, дохил мешаванд.

Аз ин рӯ, дар доираи такмили бамеъёрдарорӣ дар низоми механизми иқтисодии идораи истифодаи об ба андешаи мо, зарур аст, ки ду самти иҷро ҷудо карда шаванд: а) Такмили тартиби батанзимдарории стандарти сифати обҳои табиӣ. Батанзимдарории умумидавлатӣ бояд хусусияти чаҳорчӯбавӣ дошта бошад. Дар ҳуҷҷатҳои дахлдор мафҳуми стандартҳои минтақавӣ (ё ҳавзавӣ)-и сифати об бояд ҷорӣ карда шаванд, ки ба таври пурра махсусиятҳои минтақавии гидрохимиявӣ, амиқият ва такроршавии тағйироти техногенӣ ва ғайраро ба назар мегирад. Усули муайянкунии чунин стандартҳо предмети таҳқиқоти амиқи илмӣ мебошад: он бояд ҷиҳати асосии таркибии ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи тартиби батанзимдарорандаи давлатии сифати об гардад; б) Таҳияи ғояҳои нишондиҳандаҳои мақсадноки сифати обро фаро гирад. Мазмуни он аз ҷиҳатҳои зер иборат аст. Баъди он ки барои объекти аниқи об стандарти минтақавии сифат муайян карда мешавад, ҳолати объекти об аниқ баҳогузорӣ карда, сарчашмаҳои асосии нуқтавӣ ва диффузии ифлосшавӣ аз инвентаризатсия гузаронида мешаванд. Минбаъд таҳлили технологияи тозакунии пасобҳо гузаронда шуда, ҷанбаҳои техникӣ ва иқтисодии истифодаи онҳо дар минтақа баҳогузорӣ карда, нишондиҳандаҳои дурнамои сифати об қайд карда мешаванд, ки онҳо бо қарори мақомоти минтақавии қонунгузории давлатӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҳамин тавр, ғояи камкунии марҳилавии партови моддаҳои зарарнок ба обанборҳоро метавон мавриди амал қарор дод. Дар ин ҳолат асосноккунии иқтисодии нишондиҳандаҳои мақсаднок кори ҳавасмандии хуби субъектҳои фаъолияти хоҷагии обро таъмин месозад.

Дар диссертатсия муайян шудааст, ки дар раванди идораи захираҳои об таваҷҷуҳи махсусро ба чунин объектҳои нисбатан хавфнок бояд равона кард: истеҳсолоти зарарнок, анборҳои муҷаҳҳазнагардидаи заҳрохимикатҳо, майдонҳое, ки моли мурда ва партови онро гӯр мекунанд, партовгоҳҳои ашёи маишӣ ва монанди инҳо. Яке аз омилҳои асосии боздорандаи низоми идораи захираҳои об ва заминистифодабарӣ дарояндаи наздик натиҷаи манфии тағйирёбии иқлим дар олам мебошад, ки имрӯз дар раванди идораи захираҳои об амалан ба назар гирифта намешавад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибати мазкур дар тағйирёбии миқдор ва реҷаи боришоти атмосферӣ, афзоиши шумора ва шиддатнокии сел дар натиҷаи зуҳуроти экстремалии гидрометеорологӣ, камшавии маҷрои дарёҳои хурд, обзеркунии майдонҳои кишти ба дарёҳо наздик, ихтисори майдонҳо ва вайроншавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, шӯршавии обҳои зеризаминӣ ва ғайра мушоҳида мегардад. Зарурати ҷиддии арзёбии тағйирёбиҳои оянда дар сатҳи минтақа ва таҳияи равишҳо оид ба дигаргунӣ ва мутобиқшавии инфрасохтори мавҷудаи хоҷагӣ ва идораи экосистемаҳои рӯйизаминӣ ва обӣ ба миён омадааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки коркарди механизми иқтисодӣ ва сохтори идораи истифодаи об барои ҳалли вазифаи гузариши хоҷагии об ба шароити бозории

фаъолияти хоҷагидорӣ бояд кӯмак расонад. Дар оянда рушди муносибатҳои бозорӣ ва рақобат ба баланд шудани сатҳи техникӣ ва технологии истеҳсолот мусоидат менамояд. Ҳамаи ин дар маҷмуъ имконият медиҳад ифлосшавии захираҳои об ба таври назаррас кам карда шавад. Моро зарур аст, ки дар тафаккури аҳолӣ ва истифодабарандагони об арзишҳои нав ва дарки маънавии дигарро тарбия намоем, талаботи сохторӣ, ҳадафҳо, афзалиятҳо ва тарзи фаъолиятро аз нав дида бароем. Аз баҳри одатҳои кӯҳнаи зараровар баромада, урфу одатҳои манфиатовар, муносибати сарфакоронаро ҷорӣ намоем. Ҳамаи ин маҷмуи чорабиниҳои ҷиддии сиёсӣ, иқтисодӣ, технологӣ, қонунгузорӣ ва ғайраро талаб мекунад. Танҳо дар ин маврид қоидаи мувозинати боақлона ҳангоми ҳалли мунокишаи бамиёномада дар байни зарурати риояи қоидаҳо ва маҳдудиятҳо дар истифодаи об ва ҳавасмандкунонии иқтисодии фаъолияти хоҷагии об риоя карда хоҳад шуд.

Дар рисола асоснок шудааст,ки барои ташаккули иқтисоди бозории ба иҷтимоиёт равонагардида, ки ба истифодаи сарфакунандаи захираҳо асос меёбад, механизми ҳозиразамони институтсионии обистифодабарии экологию ҳамоҳангшударо бояд истифода бурд, фаъолияти институтҳои расмӣ (қонунҳо, қоидаҳо ва ғайра) ва ғайрирасмӣ (урфу одат, арзишҳо ва ғайра)-ро ба таври мувофиқ якҷоя ба роҳ монд, ки ҳамаи онҳо бевосита ё бавосита ҷалби захираҳои обро ба гардиши хоҷагӣ таъмин месозанд, тақсимот ва истеъмоли онҳоро ба танзим медароранд. Аз ин рӯ, зарурати ташаккули муҳити қоидавии истифодаи об ба вуҷуд омадааст, ки доираи нисбатан васеи воҳидҳои қоидавиро назар ба низоми муносибатҳое, ки дар маҷмуаи хоҷагии об дар умум ва дар хоҷагиҳо, дар алоҳидагӣ ташаккул ёфтаанд, дар бар мегирад. Институтҳои бозорӣ дар соҳаи истифодаи об дар шакли институтҳои инфрасохтори бозор, бозорҳои захираҳои об, оби носанҷида ва хизматрасониҳои хоҷагии об пешниҳод мегарданд. Инфрасохтори пурраи бозории истифодаи об бояд муассисаҳои зеринро дар бар гирад: бонкҳои экологӣ, муассисаҳои қарзӣ (кредитӣ), хонаҳои тиҷоратӣ, идораҳои аудиторӣ, ширкатҳои консалтингӣ, фондҳои суғурта ва экологӣ, ширкатҳои муҳандисӣ ва ба ин монанд, расми 3.

Диссертант бар он ақида аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши нисбатан объективӣ арзёбии иқтисодии истифодаи захираҳои об дар асоси рентаи дифференсиалӣ мебошад, ки дар он баҳогузории пулии обҳои табиӣ самараҳоеро, ки дар натиҷаи иловакунии меҳнати ҷамъиятӣ ба захираҳои маҳдуди табиии сифатҳо ва мавқеъҳои гуногун бо назардошти нақши муайянкунандаи омили экологӣ ба вуҷуд омадаанд, дар назар дорад. Баробари арзёбии иқтисодии захираҳои об такмили механизми иқтисодии идораи захираҳои об, махсусан дар доираи минтақавӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Ин бо он асоснок мешавад, ки сохтори идораи истифодаи об ва қоидаҳои дар он мавҷуда, ҳамчунин кӯшишҳои замонавикунонии он ва такмилдиҳӣ ба ҳалли мушкилоти асосии ҳифз ва такрористеҳсолкунии захираҳои об наметавонанд таъсир расонанд. Аз ин мебарояд, ки самти нисбатан мувофиқ дар ин бобат таҳияи равиши сифатан нави идораи захираҳои об дар асоси баҳисобгирии омили минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷо ба назари мо, звенои асосӣ бояд ҳавзаи дарё дониста шавад, яъне, он ноҳияи ҷуғрофии ягонае дониста шавад, ки дар доираи он истифодаи маҷмуии захираҳои об анҷом дода мешавад.




***Расми 3. - Схемаи баҳисобгирии ҷамъи пардохтҳои истифодабарии сарфакоронаи об бо назардошти арзиши табиии захираҳои обӣ***
***Сарчашма: Таҳияи муаллиф***

Ба ақидаи мо, пардохт барои истифодаи объекти обро ҳамчун пардохт барои истифодаи хосиятҳои об, ҳифзи он ва такрористеҳсолкунӣ бояд мавриди назар қарор дод. Пардохт барои истифодаи обро ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда мумкин аст ҳамроҳ карда, тарифи базавии истифодаи 1м³ обро метавон таъин кард. Пардохт барои ифлоскуниро мумкин аст ба сифати нормативи базавӣ бо шарти тағйири он вобаста ба истифодабарандаи об (барои мисол, махсусиятҳои ҳавзавӣ ё минтақавӣ) муайян кард. Истифодаи пулакии обро, ба фикри мо, бо истифодаи механизми зерин зарур аст ҷорӣ намуд: мақомоти давлатӣ нормативҳои базавиро барои истифодаи захираҳои об бо назардошти лимитҳо ва баландбардории нормативҳо таҳия менамояд. Фарқияти нормативҳоро метавонад мақомоти ҳудудии идораи хоҷагии об ва ҳокимияти иҷроия бо назардошти ҳолати маҳаллии экологӣ ва аҳамиятнокии объекти истифодаи об мутобиқ ба нишондодҳои қабулшудаи меъёрию методӣ анҷом диҳад.

Механизми иқтисодии идораи истифодаи об дар давраҳои аввали ҷоринамоии истифодаи пулакии об метавонад ба таври пурра ҳангоми мавҷудияти маблағгузории камтарини зарурии буҷетии корхонаҳои комплекси хоҷагии об ва рушди соҳаи таҷҳизотсозӣ барои баҳисобгирии истеъмоли об ташаккул ёбад. Қадами оянда барои рушди минбаъдаи низоми истифодаи пулакии об бояд пардохтҳои ҷубронпулӣ ба корхонаҳои хоҷагии об, хусусигардонии онҳо, насби воситаҳои баҳисобгирии об дар системаҳои обёрӣ ва ташкили ширкатҳои махсусгардонидае, ки ба фаъолияти суғуртавӣ машғуланд,

бошад. Аз ҳисоби буҷаи давлат иштироки ҳиссавии корхонаҳои комплекси хоҷагии об дар кори пардохти истифодаи захираҳои об низ имконпазир мебошад. Ин суръати итмоми бунёди низоми истифодаи пулакии обро дар шароити пастшавии ҳаҷми маблағгузорӣ афзун менамояд.

Муаллиф дар рисола қайд мекунад, ки ҳалли пурраи мушкилот дар соҳаи истифодаи об, ҳифз ва барқароркунии захираҳои об дар шароити имрӯза имконнопазир аст. Аммо як қатор самтҳоро метавон муайян кард, ки метавонанд зиддиятҳои бамиёномадаро аз байн баранд. Самтҳои асосии обистифодаи сарфакорона дар доираи равиши барномавию мақсаднок аз ҷониби диссертант дар *расми 4* пешниҳод гардидааст.




***Расми 4. - Самтҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар доираи равиши барномавию мақсаднок***

***Сарчашма: Таҳияи муаллиф***

Бояд қайд кард, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ як қатор барномаҳо оид ба истифодаи об, ҳифз ва барқароркунии захираҳои об таҳия ва барои иҷро қабул карда шудаанд. Аммо норасоии асосии истифодаи равиши барномавию мақсадноки идораи давлатии захираҳои об набудани мувофиқат дар муҳлат ва захираҳои барномаҳои гуногунсатҳ мебошад. Ба андешаи муаллиф самти асосии истифодаи сарфакоронаи захираҳои об истифодаи захираҳои ғайрианъанавии об бояд гардад. Ба ин низом истифодаи такрории об (ресиркулятсия), истифодаи обҳои пасоб барои обтаъминкунии саноатӣ, истифодаи оби шахтаҳо ва конҳо дохил мешаванд. Дар ин ҳолат меъёри асосӣ, ба андешаи мо, бояд мувофиқи мақсад будани истифодаи иқтисодии захираҳои ғайрианъанавии об бо назардошти талаботи пешниҳодшуда ба сифати он дар асоси мутобиқат ба хусусияти истеҳсолот бошад. Чӣ тавре ки таҳлили мо нишон дод, талафи об, аз як тараф, бо сабабҳои техникӣ, аз тарафи дигар бошад, ба анъанаҳо ва тарзи зиндагии аҳолӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, ҳалли мушкилоти мазкур дар такмили схемаҳо ва технологияи истифодаи об пешбинӣ мешавад. Тарзи беҳтарини схемаи истифодаи об дар корхонаҳои саноатӣ схемаи бепартови даврзанандаи об бояд бошад. Дар схемаи мазкур оби дар як давра аз сарчашма гирифташуда аз нав ба сарчашмаи об бармегардад, ки дар натиҷа чиркиншавии онро аз байн мебарад.




***Расми 5. - Сохтори таъминоти илмӣ ва иттилоотии механизми иқтисодии идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ***
***Сарчашма: Таҳияи муаллиф***

Дар доираи мушкилоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикргардида самти муҳимтарини истифодаи сарфакоронаи захираҳои об дар ҷумҳурӣ, ба фикри мо, идораи захираҳои об ва обистифодабарӣ дар асоси механизми иқтисодӣ ҷой гирифтааст. Механизми иқтисодӣ бунёди низоми самараноки пардохтҳо барои истифодаи об, иҷрои андозбандии рентавӣ ва ташкили шароити худмаблағгузории рушд ва фаъолияти корхона ва муассисаҳои хоҷагии оби мамлакатро дар сохтори барномаҳои маҷмуии минтақавӣ ва ҷумҳуриявии истифодаи захираҳои об пешбинӣ менамояд.

Дар рисола муаллиф қайд кардааст, ки барои таъмини истифодаи ҳамоҳанг ва ҳифзи об чунин амалҳоро бояд анҷом дод: иҷрои таҳияи барномаҳои маҷмӯии мониторинги ҳифз ва истифодаи сарчашмаҳои таъмини оби аҳолӣ ва сифати оби тоза дар нуқтаҳои аҳолинишин, ҷорисозии технологияҳои камоб ва обсарфакунанда, воситаҳои нави ҳозиразамони коркард ва бе-зараргардонии об дар технологияҳои истифодашаванда дар объектҳои таъмини об ва пурзӯркунии дастгирии саъю кӯшиши соҳибкорон оид ба ташкили таҷҳизоти ватании обтозакунӣ. Механизми иқтисодии истифодаи об омили ҷамъбасткунанда дар раванди идораи захираҳои об ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, он иҷрои вазифаҳои дар

боло номбаршударо бояд таъмин созад. Барои ин механизми номбурда аз нигоҳи илмӣ ва иттилоотӣ бояд таъмин бошад. Диссертант схемаи таъмини илмӣ ва иттилоотии механизми иқтисодии идоракунии обистифодабарии сарфакоронаро дар минтақа дар *расми 5* пешниҳод намудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки бо назардошти афзалияти истифодаи сарфакоронаи захираҳои об ва оби тоза дар ноҳияҳо механизмҳои бозорӣ ва ҳавасмандкунонии иқтисодии истеъмолгарон кори муносибати сарфакорона ба захираҳои об ба роҳ монда шавад, арзиши экологии истеъмоли об ва ифлосшавии он бояд барои тамоми қишри ҷомеа фаҳмо бошад. Дар ин масъала фишанги асосӣ гузаронидани кори васеи фаҳмондадиҳӣ, ҷалби институтҳои махсуси илмию таҳқиқотӣ ба чунин чорабиниҳо ва монанди инҳо зарур мебошанд.

Муаллиф бар он ақидааст, ки то ба ҳадди ниҳоӣ расонидани дастрасӣ ба истифодаи захираҳои об номумкин аст. Ҷалби захираҳои оби мавҷуда ва захираҳои иловагӣ барои ҷомеа хеле гарон меафтад, чорабинии мазкур метавонад бесамар бошад. Аз ин рӯ, харҷи сарфакоронаи воситаҳо ва об барои ҳар узви ҷомеа муҳим ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи маллифи рисола, идоракунии давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи об ва азнавистеҳсолкунии захираҳои об бояд да асоси қоидаҳои ҳавзавӣ анҷом пазирад. Дар ин маврид дар шароити ташаккули тезутунди комплексҳои истеҳсолию ҳудудӣ талабот ба асосноккунии ҳамаҷонибаи қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи истифодаи сарфакорона ва ҳифзи захираҳои об меафзояд, ҳамчунин талаботҳо барои бамеъёрдарории вазъи экологии фаъолияти хоҷагидории обистифодабарандагон ба вуҷуд меояд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1.Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муҳиммияти мушкилоти идоракунии истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обро барои истифодаи сарфакоронаи он дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳо тасдиқ менамояд. Бухрони амиқро дар бахши оби иқтисодиёт бо роҳи ташкили истифодабарии сарфакоронаи захираи об аз байн бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин, муаллиф дар рисола барои муайянкунии механизмҳо ва самтҳои истифодабарии самараноки захираҳои об схемаи сохтори вазифавии захираҳои обро тасвир, қоидаҳои асосии истифодабарии сарфакоронаи обро таҳқиқ, истеъмолкунандагони захираҳои обро таснифу тавсиф намуда, ҷанбаъҳо ва тамоюлҳои обистифодабариро ошкор сохтааст. [1,10-М]

2.Хулосабарорӣ шудааст, ки захираҳои об ҷузъи муҳимтарини муҳити табиӣ ва қисми таркибии қувваҳои истеҳсолкунанда буда, ҳамчун омили калидии рушди иқтисодиёт баромад мекунанд. Имконияти истифодабарии захираи об бо миқдору сифат ва омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки дар мафҳуми нерӯҳои обию захиравии ҳудудҳо инъикос меёбад. Дар ин раванд схемаи мавҷудаи механизмҳои иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ, механизми бисёрсатҳаи идоракунии давлатии истифодабарии захираҳои об ва фишангҳои ҳавасмандкунанда ва муҷозотии обистифодабарии сарфакоронаро таҳқиқ, камбудиҳои низоми мавҷудаи бамеъёрдарории истеъмоли обро ошкор ва оид ба масъалаҳои асосноккунии техникию иқтисодии талаботҳо ба сифати обҳои равон, банақшагирии истеъмоли сарфакоронаи об ва нишондиҳандаҳои он пешниҳодҳо манзур шудаанд. [5,6-М]

3.Дар таҳқиқот муқаррар гардидааст, ки баррасии мушкилоти истифодабарии сарфакоронаи захираҳои обро дар доираи маҷмуи хоҷагии оби ҷумҳурӣ мавриди назар қарор додан мувофиқи мақсад аст.Дар ин радиф, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ тамоюли умумии истифодабарии механизмҳои иқтисодии

идоракунии обро дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозории рушдёфта ошкор намуд. Маълум гардид, ки механизми самараноки ҳавасмандкунонии ихтисори ифлосшавии захираҳои об дар мамолики рушдкарда ба истифодаи усулҳои иқтисодӣ ва маъмурии таъсиррасонӣ дар якҷоягӣ бо дастгирии давлатии обистифодабарандагон, иҷрокунандагонии чорабиниҳо ва бизнеси хусусӣ оиди ҳифз ва истифодаи сарфакоронаи об асос ёфтааст. [7,8-М]

4.Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар мамлакат обистифодабарӣ хусусияти истифодаи исрофкорона дорад. Рушди истеҳсолот дар солҳои минбаъда дар ҳолати нигоҳдории нишондиҳандаҳои баланди ғунҷоиши об дар иқтисодиёт метавонад норасоиҳои захираҳои обро дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат ба таври назаррас пурзӯр гардонад. Дар рисола захираи обҳои рӯизаминии барои нӯшидан мувофиқ дар ҳавзаи дарёҳои ҷумҳурӣ баҳодиҳӣ шуда, сабабҳои асосии сарфакорона набудани низоми мавҷудаи истифодабарии об ва самараи пасти низоми идоракунии захираҳои об нишон дода шуда, муайян гардидааст, ки дар ҷумҳурӣ норасоии об 560 млн. $м^3$-ро ташкил медиҳад. Дар мамлакат ҳоло тақрибан 4,24 млн нафар оби нӯшокиро дастрас карда метавонанд, ки ин дар маҷмуъ на зиёда аз 45% аҳолии кишварро ташкил медиҳад. [9,11-М]

5. Тавозуни хоҷагии об мавҷудияти захираҳои об ва имконияти истифодабарии захираҳои мазкурро бо назар дошта, афзоиши таъсироти омилҳои дохилӣ ва берунӣ, иқтидорҳои рушди соҳаҳои нисбатан обхарҷкунандаи иқтисодиёти мамлакатро муайян ва ба нақша мегирад. Натиҷагирӣ шудааст, ки нигоҳдории ҳамешагии тавозуни захираҳо ва талабот истифодабарии усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба захираҳои обро пешбинӣ мекунанд, ки аз инҳо иборатанд: техникӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ. Асоси усулҳои зикргардидаро равишҳои комплексӣ ва ҳамгироишудаи идораи захираҳои об ташкил медиҳанд.[2,4-М]

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Дар рисола натиҷагирӣ шудааст, ки ҳангоми таҳлили масъалаҳои истифодабарии сарфакоронаи захираи об мувофиқи мақсад аст, ки равиши минтақавӣ истифода бурда шавад. Ин имконият медиҳад, ки ташкили ҳудудии истифодабарии захираҳои обӣ бо сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси самаранокии онҳо ва рушди устувор дар якҷоягӣ баррасӣ карда шаванд.[1,6-М]

2.Таҳлили механизми ҷории иқтисодии идоракунии истифодабарии об нишон медиҳад, ки бисёр ҷузъҳои он то имрӯз ташкил карда нашудаанд, баъзеи онҳо коркарди иловагии ҷиддиро мехоҳанд. Самтҳои асосии обистифодабарии сарфакорона дар доираи равиши барномавию мақсаднок ки дар рисола асоснок гардидаанд, метавонанд зиддиятҳои бамиёномадаро аз байн баранд ва ба ташаккули механизми иқтисодии обистифодабарии сарфакорона мусоидат намоянд. [2,8-М]

3. Дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷаи идоракунии захираҳои об натиҷагирӣ шудааст, ки ки дар соҳаи идоракунии захираҳои об ба минтақаҳо салоҳиятҳои васеъ дода шаванд, ҳамчунин ҳангоми таҳияи қарорҳои идорӣ махсусиятҳои минтақавии истифодабарии об бояд дар назар дошта шаванд, зеро ҳар як минтақаро мумкин аст ҳамчун низоми махсуси экологию иқтисодие, ки дар он захираҳои об дар доираи ҳавзаи муайяни дарё ташаккул ёфтаанд, мавриди назар қарор мебояд дод. [11,12-М]

4.Истифодабарии сарфакоронаи захираҳои об ин низоми чорабиниҳои механизми идоракукнии истифодабарии об мебошад. Низоми мазкур бояд ба минтақаи алоҳида ба таври пурра мутобиқ кунонида шавад. Дар рисола нақша-

чорабиниҳои таъмини илмӣ ва иттилоотии механизми иқтисодии идоракунии обистифодабарии сарфакорона дар ҷумҳурӣ коркард шудааст, ки амалишавии он ба такмили механизми иқтисодии идоракунии обистифодабарии сарфакорона дар ҷумҳурӣ метавонад мусоидат намояд. [4,13-М]

5.Ташкили низоми самараноки пардохтҳо тавассути агентии минтақавию ҳавзавӣ пешбинӣ мекунад, ки амалисозии он идоракунии захираҳои об ва истифодабарии сарфакоронаи онро дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳо бо назардошти манфиатҳои давлат ва истифодабарандаи об таъмин намояд. [3,10-М]

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].**Каландарзода Н.М. Организационные вопросы управления водными ресурсами в странах бассейна Аральского моря// Вестник ТНУ- Душанбе, 2016.- № 2/4 (204).-стр. 129-135.

**[2-М].**Каландарзода Н.М. Водные ресурсы как фактор регионального развития //Экономика Таджикистана – Душанбе, 2019.- № 2.- С. 41-46.

**[3-М].**Каландарзода Н.М. Некоторые вопросы рационального использования водных ресурсов в Республике Таджикистан // Вестник ТНУ -Душанбе, 2022.-№ 3 - стр.94-99.

**[4-М].**Каландарзода Н.М. Арзёбии вазифаҳои идоракунии обистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Паёми ДМТ, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. - №4/1- С.120-127.

**[5-М].**Каландарзода Н.М. Самтҳои асосии истифодаи сарфакоронаи захираҳои об дар Тоҷикистон //Паёми ДМТ, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. - №5- С.138-146, (ҳаммуаллифӣ).

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

**[6-М].**Каландарзода Н.М. Ҷорикунии системаҳои амалиётӣ, коркард ва додугирифти итилоот бо воситаи технологияҳои итилоотӣ /Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “ Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои рушд”, (10-11/11. 2015.). - Душанбе, ДМТ, 2015.- С. 95-98. (ҳаммуаллифӣ).

**[7-М].**Каландарзода Н.М. Основные принципы и факторы оптимизации структуры управления водным хозяйством / Матер.респуб. научно-практ. конф. «Перспективные направления развития государственно- частного партнерства в РТ», (28.02.17.). - Душанбе, 2017 г.- С.183-186.

**[8-М].**Каландарзода Н.М. Теоретические аспекты совершенствования механизма управления водным хозяйством / Матер.респуб. научно-практ. конф. на тему «Управление развитием человеческих ресурсов в современных условиях: концепции, тенденции и вызовы», (27.10.16.). - Душанбе, 2017.- С.334-336.

**[9-М].**Каландарзода Н.М. Оценка структуры и функции управления водным хозяйством/ Матер.респуб. научно-теорет. конф. «Актуальные проблемы развития современного предпринимательства в РТ», (20/21.10.17.). - Душанбе, 2017.- С.141-143.

**[10-М].**Каландарзода Н.М. Управление водными ресурсами: компоненты, задачи и индикаторы / Матер.респуб. научно-практ. конф. на тему: «Инновационное обеспечение устойчивого развития сельского хозяйства», (25.04.18.).- Душанбе, 2018.- С. 100-102.

**[11-М].**Каландарзода Н.М. Управление питьевым водоснабжением /Матер.респуб. научно-теорет. конф. профессорско– преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной Международному десятилетию действия «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы», «Году развития туризма и народных ремесел», «140-ой годовщине со дня рождения Героя Таджикистана Садриддина Айни» и «70-ой годовщине со дня создания Таджикского национального университета».- Душанбе, 2018.- С. 187-188.
**[12-М].**Каландарзода Н.М. Проблемы совершенствования механизма управления водным хозяйством Республики Таджикистан в современных условиях / Матер. респуб.научно-практ. конф. на тему: «Инновация-результативный фактор связи науки с производством», (10.11.19.). -Душанбе, 2019.- С. 216-223.
**[13-М].**Каландарзода Н.М. Инновационные подходы оптимизации структуры и функций управления водным хозяйством /Матер. межд.научно-практ. конф. на тему «Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики», (27.02.20.). -Душанбе, 2020.- С.385-387.
**[14-М].**Каландарзода Н.М. Основные направления рационольного использования водных ресурсов в регионе / Матер. межд. научно-практ. конф. на тему «Реализация целей устойчивого развития: зарубежная и национальная практика», (13.10.20).- Душанбе, 2020.-С.440-447.
**[15-М].**Қаландарзода Н.М. Мушкилоти беҳтаргардонии сохтор ва вазифаҳои идоракунии хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маводи конф. байнал. илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили саноатикунонии истеҳсолоти агарарӣ», ( 25.02.21).- Душанбе, 2021.- С.171-175.
**[16-М].** Қаландарзода Н.М. Хусусиятҳои табиию хоҷагидорӣ ва омилҳои ба истифодаи захираҳои обӣ таъсирбахш /Маводи конф. ҷумҳур. илмию амалӣ дар мавзуи «Дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», (22 ноябри соли 2022). - Душанбе, 2022.- С. 117-129, (ҳаммуаллифӣ).

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

*УДК:* 338.4(575.3)
ББК: 65.9(2)45(2т)
К-17

*На правах рукописи*

**КАЛАНДАРЗОДА НАСИБУЛЛОИ МАХМАДСАИД**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА РАЦИОНАЛЬНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

Специальность: 08.00.10–Менеджмент, маркетинг и ценообразование (менеджмент)

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание

научной степени кандидата экономических наук

ДУШАНБЕ – 2023

Диссертация выполнена на кафедре экономики и управления АПК Таджикского национального университета.

**Научный руководитель:** **Тагоев Джамахон Хамроевич -** к.э.н., доцент, заведующий кафедрой экономики и управления АПК Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Мухаббатов Холназар Мухаббатович -** доктор географических наук, профессор кафедры методики преподавания географии и туризма Таджикского государственного педагогического университета (ТГПУ) им. С. Айни.

**Махмудов Бахриддин Нуриддинович-**к.э.н., доцент кафедры экономической теории Куябского государственного университета им. А.Рудаки.

**Оппонирующая организация :** **Таджикский государственный финансово - экономический университет**

Защита диссертационной работы состоится 16 сентября 2023 года в $10^{00}$ часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-004 при Таджикском национальном университете (734067, г.Душанбе, проспект Рудаки 17).

С текстом диссертации и рефератом можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского национального университета (www.tnu.tj).

Автореферат ____________ отправлен 2023 года.

Научный секретарь
Диссертационного совета,
д.э.н., доцент



Шамсов И.С.

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Водные ресурсы считаются одним из основных стратегических факторов социально-экономического развития Республики Таджикистан. Очевидно, что масштабы и направления развития, а также размещения производительных сил, в т.ч. всего водохозяйственного производства, зависят от состояния и уровня развития водохозяйственного комплекса. В нынешных условиях производственно-хозяйственная деятельность предприятий и учреждений почти всех уровней и сфер прямо или косвенно опираются на использование водных ресурсов. Но, на сегодняшний день водопользование в стране, особенно в сферах сельского хозяйства, промышленности, а также в сфере жилищно-коммунального хозяйства, не отвечает требованиям экономного использования упомянутых ресурсов. Влияние данного фактора способствовало ухудшению состояния объектов и сооружений водохозяственного комплекса страны, следовательно и на уровень обеспеченности водопользователей, особенно населения водой в нужном количестве и качестве. Такое положение также влияет на объёмы госзатрат, направленных на реконструкцию основных фондов водохозяственного комплекса республики.

Экономное использование водных ресурсов охватывает систему мер, которые должны способствовать созданию благоприятных условий для экономного и рационального использования водных ресурсов и улучшения мотивации водопользователей. Естественно, чтобы решить эти проблемы следует согласовать интересы государства как собственника водного объекта и водопользователей, при этом надо учитывать фактор устойчивого использования водных ресурсов и других экосистем.

Исходя из вышеперечисленных доводов проблемы экономного использования водных ресурсов, прежде всего должны базироваться на совершенствование такого экономического механизма, который способствует эффективному и рациональному водопользованию. Следовательно, многие вопросы теории и методологии связанные с решениями данной проблемы недостаточно изучены и разработаны. В условиях рыночной экономики особую актуальность приобретают вопросы госрегулирования и управления водопользованием, оценки стоимости водных ресурсов и услуг водоснабженческих инфраструктур. В связи с этим, исследование проблемы экономического механизма рационального водопользования и пути ее совершенствования в республике является своевременным.

**Степень научной обоснованности изучаемой проблемы.** Водные ресурсы, его характеристика и функциональная структура, возможность его экономного использования, которая определяется по водным ресурсам территорий, были исследованы такими учеными как: Авакян А.Б., Балатский О.Ф., Беличенко Ю.П, Гареев А.М., Коронкевич Н.И, Коритный Л.М., Критский С.Н., Львович М.И., Менкел Н.Ф., Мороков В.В., Шикломанов И.А. и др.

Вопросы формирования экономического механизма водопользованием обсуждались в научных трудах исследователей: Алиева Э.Д., Беляева С.Д., Бобылева С.Н., Вивартса А.Д., Ганиева Т.Б., Голуба А., Григорева Е.Г., Думовой И. И., Комарова П.Л., Лемешева М.Я., Пахомова П., Прохоровой Н.Б., Рихтера К.К., Струкова Е.Б., Черняева А.М., Шпагина А.Н., Яндиганова Я. Я. и других исследователей.

Научные труды ряда исследователей, таких как: Авакян А.Б., Баранкин В.В., Герасименко В.Н., Голуб А.А., Гофман К.Г., Минтс А.А., Хачатуров Т.С. и другие посвящены вопросам оценки водных ресурсов территорий.

В отечественной науке различные аспекты управления и использования водных ресурсов территорий изучены в научных трудах ряда исследователей: А.Д. Ахроровой, Т.Б. Ганиева, Х.А. Одинаева, Х.Р. Исайнова, Х.М. Мухаббатова, Т.Дж. Усманова, Ф.С. Обидова, М.И. Садриддинова, Ф.А. Абдурахмонова, У. Кимсанова, Б.Н. Маҳмудова,

Н.А.Урунбаевой, А.С. Мухсинова и др. Также специфические моменты темы управления природными ресурсами, в том числе управления водными и земельными ресурсами и инноваций в этом направлении рассмотрены в научных трудах С.Дж. Комилова, К. Х. Хушвахтзода, Н. К. Каюмова, Т. Н. Назарова, Х. Умарова, Д.Б. Кадирзода, Т.Д. Низомовой, Н.Д. Шеровой и др.

Однако изменения произошедшие в экономике и экологической ситуации в стране требуют дополнительного и глубокого исследования проблем экономного использования водных ресурсов региона, его охраны и восстановления на основе формирования эффективных экономических отношений при водопользовании.

В экономической теории проблема оценки величины резервных мощностей недостаточно изучена, учитываются лишь отдельные экономические рычаги регулирования использования воды в регионе. В этом случае плата за водопользование не связана с эффективной экономической оценкой водных ресурсов. Существующая система платежей должна обеспечивать необходимые стимулы для экономного водопользования, снижения затрат на водное хозяйство, эффективного использования водных ресурсов. Также существующая система управления водопользованием не соответствует принципу территориального, экономного водопользования и затрудняет реализацию рыночных отношений в водном хозяйстве. Актуальность и наличие этих проблем и необходимость их решения обусловили выбор темы исследования.

**Связь работы с научными программами (проектами), темами.** Исследование имеет прямую связь с предложением Республики Таджикистан в ООН об объявлении 2018-2028г международным десятилетием действий «Вода для устойчивого развития», Конституцией Республики Таджикистан, Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Водным кодексом Республики Таджикистан, Законом Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды», Концепцией рационального использования и охраны водных ресурсов в Республике Таджикистан Стратегией развития водного сектора в Республике Таджикистан и другими отраслевыми и межотраслевыми программами по использованию и охране водных ресурсов в Республике Таджикистан.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Целью исследования** является изучение, обобщение и развитие положений, охватывающих теоретические и методические основы формирования и развития механизма управления использования водных ресурсов, и также разработка обоснованных предложений на основе совершенствования экономического механизма управления водопользованием.

**Задачи исследования. В** зависимости от цели диссертационного исследования определены и решены следующие задачи:

- изучение понятия и сущности водных ресурсов, их место и задачи в процессе развития экономики и жизнедеятельности людей, определение основных дефиниции, связанных с водой, водными ресурсами, и аспекты экономного использования водных ресурсов;

- исследование особенностей, принципы, методов и рычагов госрегулирования и уравления процесса рационального водопользования, с учетом использования эффективного зарубежного опыта формирования и развития экономического механизма управления экономного использования водных ресурсов;

- анализ использования водных ресурсов, ее объектов и сооружений в рамках восстановления и охраны энергетических и водных ресурсов республики с учетом соблюдения принципов устойчивого, рационального и экономного водопользования;

- оценка использования водных ресурсов и водопользования в отраслях национальной экономики в период независимости и восстановления новых водных отношений в Республике Таджикистан;

- определение основных направлений совершенствования экономического механизма управления экономного использования водных ресурсов и структура основных составляющих механизма, в частности платежей и методов расчета базовых ставок платежей за их использование в республике;

- разработка предложений по совершенствования экономического механизма управления рационального использования водных ресурсов в республике.

**Объектом исследования** являются водные ресурсы и их рациональное использование в экономике Республики Таджикистан и ее регионов.

**Предметом диссертационного исследования** являются экономические отношения, возникающиеся в процессе использования водных ресурсов и управления ими на основе экономических механизмов.

**Гипотеза исследование** исходит из предложения Республики Таджикистан в ООН об объявлении 2018-2028гг. Международным десятилетием действий «Вода для устойчивого развития», Конституции Республики Таджикистан, Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Водный кодекс Республики Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды», Концепции рационального использования и охраны водных ресурсов в Республике Таджикистан, Стратегией развития водного сектора в Республике Таджикистан и других отраслевых и межотраслевых программ по использованию и охране водных ресурсов в Республике Таджикистан. Конечной целью всех перечисленных документов является экономное использование водных ресурсов на различных сферах и уровнях водопользования. В связи с этим, для реализации данной гипотезы целью диссертационной работы было изучение, обобщение и развитие положений, охватывающих теоретические и методические основы формирования и развития механизма управления использования водных ресурсов, и также разработка обоснованных предложений на основе совершенствования экономического механизма управления водопользованием. Также указанная гипотеза и тенденции ее развития доказаны на конкретных примерах из деятельности сельского хозяйства, жилищно-коммунальное хозяйства и отрасли промышленности республики в период 2017-2021 гг., и сделаны соответствующие выводы. Таким образом, реализация целей и задач исследования доказывает реальность указанной гипотезы и в то же время позволяет поэтапно оценить процесс реализации экономного и рационального управления водопользованием в республике.

**Период исследования.** Период выполнения диссертационной работы охватывает 2014-2022 годы.

**Теоретической и методологической базой** исследования являются фундаментальные научные исследования классиков экономической науки, исследования отечественных и зарубежных ученых, в том числе российских ученых в области макроэкономических исследований, также исследования в области экономики и управления народным хозяйством, экономики и использования природных, в том числе водных ресурсов и охраны окружающей среды. В качестве инструментов исследования в работе использовались концептуально-логический, монографический, расчетно-конструктивный, анализ-синтез, экономико-статистический **методы исследования**.

